# ИДИ ҒАЛАБА МУБОРАК!

ИНСОН, ҲУҚУҚ ВА ОЗОДИҲОИ Ӯ АРЗИШИ ОЛӢ МЕБОШАНД

# МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

E-mail: law.tnu.tj@gmail.com

НАШРИЯИ ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСИИ ДМТ **** № 7-8 (149-150) 7-УМИ МАЙИ СОЛИ 2021, ҶУМЪА



Бо дарназардошти нақши бузурги илму маърифат Ҳукумати мамлакат дар даврони истиқлолият масъалаи рушди илму маорифро яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоӣ эълон кардааст.

Илм меҳвари асосии рушди ҳар як кишвар мебошад ва олимон захираи бузурги зеҳнии ҷомеа маҳсуб меёбанд. Ояндаи мамлакат аз фаъолияти омӯзгор ва рушди илму маориф вобастагии зиёд дорад.

Танҳо миллати босавод метавонад насли соҳибмаърифату донишманд ва кадрҳои арзандаи давронро ба воя расонад, пеш равад ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро пайдо намояд. Илм дар шароити муосир нақши калидӣ дошта, ба рушду тараққиёти давлат мусоидат менамояд.

Асри XXI даврони рушди илму технология буда, таълиму тарбияи дурусти фарзандон, аз худ кардан ва дар ҳамаи самтҳои зиндагӣ ҷорӣ намудани навигариҳои илму техника ва технологияҳои муосир, ташаккули неруи солиму созандаи ҷомеа шарти асосии рушди босуботи иқтисодӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар мебошад.

Эмомалӣ РАҲМОН

ДАР ИН ШУМОРА:

ТАШРИФИ МЕҲМОНИ ОЛИҚАДР БА ДМТ с. 2

МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СОҲАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ с. 3

ҲУҚУҚИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ДАР ТАНЗИМИ БОЗОРИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИҲО с. 4-5

УСТОД – РОҲНАМОИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗ с. 7

ҲАФТАИ ИЛМ ДАР ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ с. 8-9

РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ с. 11

ДАСТГИРИИ ЗАНОН – СИЁСАТИ ДОИМИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ с. 12

ОДОБИ РАСМӢ ВА КОРӢ с. 14-15

МИНБАРИ ҲУҚУҚШИНОС

**Муассис:**
Факултети ҳуқуқшиносии ДМТ
www.law.tnu.tj

**Сармуҳаррир:**
Эмомалӣ МИРАЛӢ
www.law.tnu.tj@gmail.com

**Муовини сармуҳаррир:**
Ҳамза БОБОХОНЗОДА
**Муҳаррир:**
Некрӯз САФАРЗОДА
**Таррох:**
Акмал Шарипов

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:**
**Раҳмон Д.С.** доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, декани факултети ҳуқуқшиносӣ;
**Сафарзода Б.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ;
**Маҳмудов И.Т.** мудири кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ;
**Абдуллоев П.С.** муовини декан оид ба илм ва робитаҳои байналмилалӣ;
**Сулаймонов Ф.С.** дотсенти кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ.

**ҲАЙАТИ МУШОВАРА:**
**Насриддинзода Э.С.** Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқ, узви вобастаи АМИ ҶТ;
**Ватанзода М.М.** Муовини аввали раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии ҶТ.
**Имомзода М.С.** Вазири маориф ва илми ҶТ, академики АМИ ҶТ.
**Хушвахтзода Қ.Х.** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори ДМТ,
**Тоҳиров Ф.Т.** академики АМИ ҶТ
**Маҳмудзода М.А.** профессори кафедраи ҳуқуқи гражданӣ, академики АМИ ҶТ.
**Раҳимзода М.З.** профессори кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат, узви вобастаи АМИ ҶТ.

**ШАРТҲОИ ҚАБУЛИ МАВОД:**
Дастнавис қабул карда намешавад.
Мавод бояд бо ҳуруфи Times New Roman Tj 14 ҳуруфчинӣ шуда бошад.
Рӯзнома на ба ҳамаи андешаи муаллифон мувофиқ аст ва ақоиди мухталифро ба хотири риояи ҷанбандешӣ ба табъ мерасонад.

Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги ҶТ тахти №0336/рз аз 18-уми марти соли 2016 ба қайд гирифта шудааст.
Нишонии идора: ш. Душанбе, Буни Ҳисорак, шаҳраки Донишҷӯён, факултети ҳуқуқшиносии ДМТ.
Телефон: (+992) 907-67-20-20 (+992) 939-25-98-28
Теъдод: 1000
Навбатдори шумора: **Миралӣ Собир**

# ТАШРИФИ МЕҲМОНИ ОЛИҚАДР БА ДМТ

Санаи 29 марти соли 2021 Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мухтарам Муҳаммад Ашраф Ғанӣ бо сафари расмӣ ҷиҳати иштирок дар ҷаласаи ифтитоҳии Конференсияи 9-уми вазирони кишварҳои “Қалби Осиё-Раванди Истамбул” ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварда, бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон мулоқот анҷом дод. Дар мулоқот сарони давлатҳо таҳкими муносибати дӯстона ва густариши робитаҳои судманди гуногунҷанбаи Тоҷикистону Афғонистонро баррасӣ намуданд.



Зимни сафари хеш Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф оварда, бо ҳайати устодону кормандони донишгоҳ вохӯрӣ намуд.

Меҳмони олимақом – Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғаниро Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, ректори ДМТ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва дигар намояндагони сохторҳои дипломатии ҷумҳурӣ истиқбол намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Муҳаммад Ашраф Ғанӣ бори дуюм аст, ки ба донишгоҳ ташриф меорад. Сафари аввалини ӯ ба санаи 10-уми майи соли 2016 рост меояд, ки зимни ин сафар вохӯрии хотирмон доир гардида буд.

# ВАЗИРОНИ МАОРИФИ АФҒОНИСТОН ВА УКРАИНА ДАР ФАКУЛТЕТ



Дар доираи сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Исломии Афғонистон мухтарам Муҳаммад Ашраф Ғанӣ ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳайати воломақоми ин кишвар ҷиҳати иштирок дар Конференсияи 9-уми вазирони кишварҳои “Қалби Осиё-Раванди Истамбул” ба ҷумҳурӣ ташриф оварданд. Зимни сафар Вазири таҳсилоти олии Ҷумҳурии Исломии Афғонистон Ғулом Аббос Басир ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф оварда, бо роҳбарияти донишгоҳ мулоқот ва дар самти рушд бахшидани муносибатҳои илмию эҷодӣ табодули афкор намуданд.

Меҳмони олиқадр – Ғулом Аббос Басирро дар Шаҳраки донишҷӯёни донишгоҳ Вазири маориф ва илми ҷумҳурӣ Имомзода М.С., ректори ДМТ Хушвахтзода Қ.Х. ва зумрае аз роҳбарони сохторҳои гуногуни донишгоҳ истиқбол намуданд.

Ҳамчунин дар доираи Намоишгоҳ-ярмаркаи «Таҳсилот дар Украина» як зумра роҳбарон ва намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина бо роҳбарии Вазири маориф ва илми Украина Сергей Шкарлет ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ташриф оварданд.

Ҷиҳати ба имзо расонидани созишномаҳо ва рушд бахшидани ҳамкориҳои илмию таълимӣ миёни Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Украина Вазири маориф ва илми Украина Сергей Шкарлет ба Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ташриф овард. Сергей Шкарлетро сафири Ҷумҳурии Украина дар Тоҷикистон Серватюк Василий Николаевич, Вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон Имомзода Муҳаммадюсуф Сайдалӣ, ректори донишгоҳ Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт ва дигар намояндагони сохторҳои марбутаи донишгоҳ ҳамроҳӣ намуданд.



Зимни ташриф меҳмонон аз «Ганҷинаи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода», Маркази тестӣ, толори Шӯрои диссертатсионии факултети ҳуқуқшиносӣ ва Осорхонаи Пешвои миллат дар донишгоҳ боздид намуданд. Ёдовар мешавем, ки мақсад аз боздиди меҳмонон шиносоӣ аз ҷараёни таълиму тарбия ва мустаҳкам намудани ҳамкориҳои дӯстона буд.

**www.tnu.tj**

# ҲУМОЮН БОД!



Боиси фараҳмандии тамоми устодон ва кормандони факултети ҳуқуқшиносӣ мебошад, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 майи соли 2021 Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои рушди иҷтимоӣ ва робита бо ҷомеа таъйин гардид.

Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин 2 июли соли 1966 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дунё омадааст.

Соли 1990 Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ва соли 2003 факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистонро хатм намудааст.

Аз соли 2006 дар вазифаҳои муаллими калон, дотсенти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии ДМТ, ҷонишини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба тарбия (солҳои 2007-2009), ҷонишини декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ оид ба таълим (солҳои 2009-2011) ва декани факултети ҳуқуқшиносии ДМТ (солҳои 2011-2016) фаъолият намудааст.

Соли 2008 рисолаи номзадиро дар мавзӯи “Проблемаҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқӣ дар шароити бунёди давлати демократӣ дар Тоҷикистон” ва соли 2014 рисолаи доктороро дар мавзӯи “Густариши фарҳанги ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити амиқ гардидани тафовутҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ” ҳимоя кардааст.

Мавсуф муаллифи зиёда аз 100 таълифоти илмӣ оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқшиносӣ аст. Мавзӯи асосии таҳқиқоти илмии ӯ омӯзиши масъалаҳои таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ, инчунин масъалаҳои тарбияи ҳуқуқии ҷавонон дар самти эҳтиром ба арзишҳои миллӣ, ватандӯстӣ ва муҳаббат ба Ватан, мубориза бар зидди экстремизм, терроризм ва коррупсия мебошад.

20 феврали соли 2016 аз ҷониби Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон номзад ба вакилии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ аз ҳавзаи якмандатии Фирдавсӣ №1 пешбарӣ гардид. То таъйин гардидан ба ин вазифа мавсуф ба ҳайси Раиси кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон фаъолият дошт.

Бо медали “Аълочии маорифи Тоҷикистон”, медали ҷашнии “90-солагии адлияи Тоҷикистон” ва мукофоти давлатии “Ордени Шараф дараҷаи II” сарфароз гардидааст.

**Бояд қайд намуд, ки Насриддинзода Э.С. аъзои ҳайати мушовараи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос» мебошад. Аз ин рӯ, идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорат, ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ устоди азиз, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон Насриддинзода Э.С.-ро бо таъйин гардидан ба ин вазифаи пурмасъулият самимона табрик намуда, ба эшон саломативу сарбаландӣ, саодати рӯзгор ва муваффақиятҳои беназирро ба манфиати давлату миллати тоҷик таманно менамоянд.**

**Умумӣ будани ҳуқуқи инсон маънои онро дорад, ки ҳамаи ғамхориҳои инсонӣ, ташвишҳо ва манфиатҳои инсонӣ низ бояд умумӣ бошанд.**

# МАСЪАЛАҲОИ МУБРАМИ СОҲАИ ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ



Санаи 6 апрели соли 2021 бо ташаббуси кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ семинари илмӣ-назариявӣ дар мавзӯи «Масъалаҳои мубрами ҳуқуқи экологӣ, наклиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ, рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мушкилоти амалӣ ва такмили қонунгузорӣ» баргузор гардид.

Дар кори он роҳбарияти факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандони факултет, олимону донишмандони соҳа, аспирантону унвонҷӯён, магистрҳо ва ҳамчунин намояндагони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар иштирок доштанд.

Зимни ифтитоҳи семинари мазкур сараввал декани факултети ҳуқуқшиносӣ, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ба муҳиммият ва аҳаммия-



ти мавзӯи ҳаммоиши илмӣ ишора намуда, андешаҳои худро вобаста ба масъалаҳои мубрами баррасишаванда иброз доштанд.

Сипас, аз рӯи барнома маърӯзаҳои устодони кафедра шунида шуданд. Маърӯзачиён зимни баромадҳои худ оид ба масъалаҳои мубрами ҳуқуқи экологӣ ва наклиёт, таъмини амнияти озуқаворӣ, рақобат ва ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон андешаронӣ намуданд.

Дар фарҷоми семинари илмӣ-назариявӣ аз ҷониби иштирокдорон як силсила хулоса, таклифу тавсияҳои судманди илмӣ вобаста ба масъалаҳои гуногуни баррасишаванда пешниҳод шуданд.

**Таҳияи**
**Некрӯз САФАРЗОДА**



# СЕМИНАРИ ИЛМӢ-АМАЛӢ



Бо ташаббуси кафедраи забонҳои хориҷии факултети ҳуқуқшиносии ДМТ санаи 31 марти соли 2021 семинари илмӣ-амалии устодони ҷавон баргузор гардид. Ҷорабиниро декани факултети ҳуқуқшиносӣ д.и.х, профессор Раҳмон Д.С. хусни ифтитоҳ бахшида, роҷеъ ба масъалаи таълим ва омӯзиши забонҳои хориҷӣ, роҳу усулҳои нави методологӣ, нақши устодони забонҳои хориҷӣ дар омода намудани мутахассисони ҳуқуқшинос ва донандаи забонҳои хориҷӣ баромад намуд.

Мақсади баргузор намудани семинари мазкур на танҳо табодули таҷриба, балки баланд бардоштани савия ва инкишофи маҳорату малакаи санъати суханварии устодони ҷавон дар ҷараёни ироа намудани маърӯза дар мизҳои мудаввар, семинарҳо ва конференсияҳои илмӣ мебошад.

Семинари илмӣ-амалӣ муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ ва забонҳоро фаро гирифта, бахри инкишофи минбаъдаи соҳаҳои ҳуқуқшиносӣ ва забоншиносӣ мусоидат хоҳад намуд.

Зимни музокираҳо табодули афкори судманди иштирокчиён сурат гирифт. Дар интиҳои ҷорабинӣ изҳори итминону боварӣ карда шуд, ки натиҷаҳои кори семинари илмӣ-амалӣ барои устодони ҷавон самарабахш хоҳад буд.



# ҲИМОЯИ РИСОЛАҲОИ НОМЗАДӢ









Факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон чун даргоҳи бузурги илму маърифат дар омода намудани мутахассисони соҳибтаҷрибаву ватандӯст нақши муассир дорад. Мояи ифтихор ва фарахбахшист, ки ҳайати устодони унвондор дар факултет дар ҳоли рушду инкишоф қарор дорад. Онҳо бо дарки масъулияти баланди касбӣ рисолаҳои илмии худро сарбаландона ҳимоя намуда, хазинаи илмии мамлакатро пурғановат менамоянд.

Аз ҷумла, санаи 30 марти соли 2021 ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Шарипов Саймузафар Саймузафарович рисолаи номзадии худро дар мавзӯи «Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии иҷро накардани ӯҳдадорӣ оид ба таълиму тарбияи ноболиғон» бо муваффақият ҳимоя намуд.

Ҳамчунин санаи 2 апрели соли равон ассистенти кафедраи ҳуқуқи байналхалқӣ Қодирзода Некруз Абдулмаҷидович дар мавзӯи «Одатҳо ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар ҶТ» ва Солеҳзода Гулнора Давлат дар мавзӯи «Конституционно-правовые основы Республики Таджикистан как социального государства» ва дар таърихи 9 апрели соли ҷорӣ ассистенти кафедраи ҳуқуқи наклиёт ва ҳуқуқи истифодаи сарватҳои табиӣ Қурбонализода Фуркат дар мавзӯи «Проблемаҳои ҷавобгарии ҳуқуқи гражданнии мусофиркашон тибқи қонунгузории ҶТ» рисолаҳои номзадии худро сарбаландона дифоъ намуданд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ, устодону кормандон ва донишҷӯёни ин даргоҳ Шарипов С.С., Қодирзода Н.А., Солеҳзода Г.Д. ва Қурбонализода Ф.-ро бо ин дастоварди бузургашон дар соҳаи илм самимона табрик намуда, ба эшон фатҳи қуллаҳои баланди илмиву эҷодиро таманно менамоянд.

# МАҶЛИСИ ВОЛИДАЙН



Ҳамкорӣ бо волидайни донишҷӯён яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ба ҳисоб меравад. Ҳамасола дар доираи Нақша-ҷорабиниҳои факултети ҳуқуқшиносӣ силсилавохӯриҳо бо волидайни донишҷӯён баргузор мегардад.

Аз ҷумла, санаи 17 апрели соли 2021 соати 14:00 дар толори ТСО-и шаҳраки донишҷӯён вохӯрии хоссаи роҳбарияти факултет бо волидайни донишҷӯёни курсҳои 1-ум ва таърихи 24 апрел бо волидайни донишҷӯёни курсҳои 2-юм доир гардид, ки дар кори он муҳимтарин масъалаҳои бахши таълим, тарбия, илм ва робитаҳои байналмилалӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Воқеан баргузории чунин вохӯриҳо барои баланд бардоштани сатҳи маърифатнокии донишҷӯён, таъмини иштироки онҳо дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва фарҳангии донишгоҳ, тарбияи дурусти онҳо дар рӯҳияи худшиносии миллӣ, меҳанпарастӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои миллӣ кори муфиду самаранок мебошад.

**Таҳияи**
**Азимҷон ҶУРАЕВ**

## ДИФОИ РИСОЛАИ ДОКТОРӢ



Барои устодон ва донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносии ДМТ ҷои ифтихор ва шарафмандист, ки солҳои охир дар факултет сафи устодони унвондор меафзояд.

Аз ҷумла, санаи 27 апрели соли 2021 дотсенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судӣ Назаров Аваз Қувватович рисолаи доктории худро дар мавзӯи «Ҳуқуқи ҷиноятии исломӣ ва татбиқи он дар давлатҳои дорои унсурҳои низоми ҳуқуқи исломӣ: ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ (таҳлили муқоисавии ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ) сарбаландона дифоъ намуд.

Аз ин рӯ, садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва ҳайати устодону кормандони ин даргоҳ Назаров А.Қ.-ро бо ин дастовардаш самимона табрик намуда, ба эшон камолоти муваффақона ва бурдбориҳои беназирро дар соҳаи илм таманно менамоянд.



## ТАҚСИМОТИ ДАВЛАТИИ ХАТМКУНАНДАГОН



Чун анъана, ҳамасола дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ тақсимоти хатмкунандагони факултет баргузор карда мешавад. Дар ҳамин асно, санаи 22 апрели соли 2021 дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо иштироки васеи намояндагони мақомоти давлатӣ тақсимоти давлатии хатмкунандагони факултет баргузор гардид. Дар ҷамъомади мазкур намояндагони ҳама ниҳодҳои муҳими кишвар аз қабили Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Суди конститутсионии ҶТ, Суди Олии иқтисодии ҶТ, Прокуратураи Генералии ҶТ, Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Вазорати корҳои дохилии ҶТ, Вазорати адлияи ҶТ, Кумитаи давлатии амнияти миллӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи ҶТ, Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти ҶТ, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук ва дигар мақомотҳо иштирок намуданд.

Маросими мазкурро декани факултети ҳуқуқшиносӣ, профессор Раҳмон Д.С. ҳусни оғоз бахшида, ҳозиринро барои пазируфтани даъват ва қадам ранҷа намуданашон ба ин боргоҳи



муқаддас изҳори сипосу миннатдорӣ баён намуданд.

Сипас тибқи талаботи муқаррargардида, хатмкунандагони факултет, ки донандаи забонҳои гуногуни хориҷӣ ва номзад ба гирифтани дипломи аъло ва муқаррарӣ буданд ба ҳозирин муаррифӣ гардида, барои ба кор ҷалб шудан дар мақомоти гуногуни давлатӣ роҳхат гирифтанд.

Ҳамзамон аз ҳама намояндагони ниҳодҳои давлатӣ хоҳиш ба амал оварда шуд, ки аз фурсати муносиб истифода намуда, кадрҳои воқеан арзанда ва лаёқатмандро, ки метавонанд барои гулгулшукофии ватани азизамон саҳмгузор бошанд интихоб ва ба кор сафарбар намоянд.

Дар охир дар самти ба ҷойи кор таъмин намудани хатмкунандагон ва рушд бахшидани ҳамкориҳои илмию таълимӣ андешаҳои судманд сурат гирифт.

**Таҳияи Миралӣ СОБИР**

# ҲУҚУҚИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ДАР ТАНЗИМИ

**Дар паёми худ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 26-уми январи соли 2021 такид намуданд: «Дар шароити зудтағйирёбанда ва вазъи шиддатноки ҷаҳони муосир мо бояд, қабл аз ҳама, ба иқтидору имкониятҳои дохилии кишвар такя карда, барои рушди устувори иқтисодӣ, ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва ҳимояи саломатии шаҳрвандон боз ҳам бештар талош намоем».**



Бахри расидан ба ҳадафҳои ироагардида таъкид намудан зарур аст, ки айни ҳол танзими ҳуқуқии зиддиинҳисорӣ дар бозори мол, кор ва хизматрасонии Тоҷикистон бояд дуруст ва мукаммал ба роҳ монда шавад.

Давлат бояд фаъолияти инҳисориро маҳдуд кунад, тадбирҳоеро андешад, ки ба нигоҳ доштани рақобати солим, таъмини сатҳи муносиби зиндагии шаҳрвандон, нигоҳ доштани фаъолияти мӯътадили низоми иқтисодӣ, ки дар якҷоягӣ ҳамчун асоси иқтисодиёти рақобатпазир хизмат мекунанд, равона шудаанд. Маҳдудияти инҳисор тавассути истифодаи усулҳои гуногуни маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ дар мафҳуми «фаъолияти зиддиинҳисорӣ» ифода ёфтааст. Фаъолияти зиддиинҳисорӣ маҷмӯи амалҳои маҳдудкунанда мебошад, ки бевосита ба нигоҳ доштани сатҳи қобили қабули рақобати солим байни субъектони хоҷагидор, аз ҷумла амалӣ намудани назорат аз болои фаъолияти онҳо равона карда шудаанд.

Мақомоти ваколатдор дар ин самт Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошд. Дар асоси Низомномаи Хадамоти мазкур аз 3 майи соли 2010, №227 Хадамоти зиддиинҳисорӣ мақомоти ваколатдори ҳокимияти иҷроия буда, сиёсати ягонаи давлатиро дар соҳаи ҳимоя ва рушди рақобат, пешгирӣ, маҳдудкунӣ, қать намудани фаъолияти инҳисорӣ, танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи фаъолияти субъектҳои инҳисороти табиӣ, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон ва назорати фаъолияти рекламавӣ амалӣ менамояд.

Ба ҳайси қонунгузории зиддиинҳисорӣ Конститутсияи ҶТ, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» аз 30 майи соли 2017, №1417, Қонуни ҶТ «Дар бораи инҳисороти табиӣ» аз 5 марти соли 2007, №235, Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» аз 9 декабри соли 2004, №72, Қонуни ҶТ «Дар бораи реклама» аз 1 августи соли 2003, №34 ва чунин дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҶТ баромад мекунанд: Фармоиши Хадамоти зиддиинҳисорӣ «Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳои гузаронидани санҷиши риояи қонунгузории зиддиинҳисорӣ дар соҳаи ҳимояи рақобат, ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон, инҳисороти табиӣ ва назорати фаъолияти рекламавӣ»; «Дар бораи Тартиби муайян намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ва пасти инҳисорӣ дар бозорҳои хизматрасонии молиявии ҶТ»; қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 майи соли 2018, № 287 «Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд» ва ғайра.

Дар сатҳи ИДМ Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳисорӣ аз 25 январи соли 2000 қабул карда шудааст, ки Тоҷикитон ба ин Шартнома имзо гузоштаст.

Дар моддаи 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳумҳои асосӣ дарҷ карда шудаанд. Дар асоси ин модда фаъолияти инҳисорӣ – сӯиистифода кардани субъекти хоҷагидор (субъекти бозор), гурӯҳи шахсон аз мавқеи ҳукмфармоӣ, созиш ё иҷрои амалҳои мувофиқашудаи худ, ки бо қонунгузории зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда шудаанд, муқаррар шудааст. Инчунин мафҳумҳои нархи баланди инҳисории мол, нархи пасти инҳисории мол, нархи баланди беасоси хизматрасонии молиявӣ ва нархи пасти беасоси хизматрасонии молиявӣ, созишномаи (амали мувофиқашудаи) субъектҳои хоҷагидор, ки рақобатро маҳдуд менамояд, созишномаҳои уфуқӣ (картел), созишномаҳои амудӣ, шартҳои табъизӣ (дискриминатсионӣ), шахсони бонуфуз дар он ифода шудаанд.

Дар муқоиса ба Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» дар сатҳи Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳи-

**Омӯзиши таълимоти мутафаккирони тоҷику форс оид ба ҳуқуқи инсон дар замони муосир боиси баланд гаштани ҳувияти миллиамон низ мегардад.**

# БОЗОРИ МОЛ, КОР ВА ХИЗМАТРАСОНИҲО



**Дониёр САНГИНОВ**
**доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор**



сорӣ ИДМ аз 25 январи соли 2000 ифодакунандаи чунин мафҳумҳо мебошад: - фаъолияти инҳисорӣ - амали (беамалии) субъектҳои хоҷагидорӣ, мақомот ва маъмурият, ки бар хилофи қонунгузории миллии зиддиинҳисорӣ, ки ба пешгирӣ, маҳдуд ё барҳам додани рақобат ва / ё вайрон кардани манфиатҳои қонунии истеъмолкунандагон нигаронида шудааст; - қонунгузории зиддиинҳисорӣ - санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар қаламрави давлатҳои аъзо амал мекунанд, дорои муқаррарот оид ба пешгирӣ, маҳдудсозӣ ва саркӯбии фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати беинсофона мебошанд.

Дар Қонуни моделии ИДМ «Дар бораи рақобат» аз 24 октябри соли 2013, №50 чунин мафҳумҳо дарҷ шудаанд: - татбиқи мунтазами фаъолияти инҳисорӣ - аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ (субъекти бозор) амалӣ намудани фаъолияти инҳисорӣ, ки тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории давлат дар тӯли 3 сол зиёда аз 2 маротиба ошкор карда шудааст; - консентратсияи иқтисодӣ - муомилот, амалҳои дигаре, ки иҷрои онҳо ба вазъи рақобат таъсир мерасонад ё метавонад таъсир дошта бошад.

Пешниҳод карда мешавад, ки дар моддаи 2 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи рақобат» мафҳумҳои «фаъолияти инҳисорӣ», «қонунгузории зиддиинҳисорӣ», «татбиқи мунтазами фаъолияти инҳисорӣ» бо назардошти мафҳуми дар Шартнома дар бораи гузаронидани сиёсати мувофиқашудаи зиддиинҳисории ИДМ ва Қонуни моделии ИДМ «Дар бораи рақобат» таҷдид ва илова карда шаванд.

Яке аз мушкилоте, ки солҳои охир дар Тоҷикистон мардуми кишварро нигарон намудааст болоравии нархҳо мебошад. Дар асоси қарори Ҳукумати ҶТ аз 31 майи соли 2018, № 287 «Дар бораи Номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд» номгӯи мол ва маҳсулоти аз ҷиҳати иҷтимоӣ зарурӣ, ки нархҳояшон таҳти танзими давлатӣ қарор дода мешаванд инҳоянд: 1. Орд (навъҳои 1 ва 2); 2. Нони аз орди навъҳои 1 ва 2 истеҳсолгардида; 3. Маҳсулоти макаронӣ; 4. Гандум; 5. Биринҷ; 6. Картошка; 7. Сабзавот: сабзӣ, пиёз, карам; 8. Қанди сафед, шакар; 9. Равғани растанӣ: равғани пахта ва равғани офтобпараст, равғани маска; 10. Маҳсулоти ширӣ: шир, кефир, қаймоқ, сметана, творог; 11. Наск, нахуд, марҷумак, кашк, ярмаи ҷав; 12. Гӯшт: гӯшти гов, гӯшти гусфанд, гӯшти мурғ; 13. Тухми мурғ; 14. Намак; 15. Ҷой: навъи сабз ва сиёҳ; 16. Ғизои кӯдакона; 17. Маҳсулоти нафтӣ: бензини автомобилӣ, сӯзишвории дизелӣ ва гази моеъ; 18. Маводи доруворӣ ва молҳои тиббӣ; 19. Нуриҳои минералӣ, органикӣ ва химиявӣ барои соҳаи кишоварзӣ.

Таҳлили нархи бозор барои солҳои 2018-2021 нишон дод, ки нисбат ба номгӯи молҳои иҷтимоӣ нарх дар дусол чанд маротиба баланд шудааст. Масалан 50 килограмм орд соли 2018 160-180 сомонӣ буд, соли 2021 он ба 240-260 сомонӣ расид, 1 литр равған растанӣ 10-12 айни ҳол 20-22 сомонӣ, 1 кг. гушти гов 33-38 сомонӣ айни ҳол 55-60 сомонӣ мебошад.

**Барои дар сатҳи муайян нигоҳ доштани нархи мол, кор ва хизмарасонӣ дар Тоҷикистон мо ду пешниҳод манзур менамоем:**

**1. Таҷрибаи давлати Юнон оид ба гурӯҳбандии молҳо ва тасъиси мақомоти махсус тадбиқ карда шавад. Масалан, дар Юнон танзими давлатӣ дар соҳаи нархгузорӣ ҳам тавассути муайянкунии мустақими нархҳо ва назорат аз болои риояи онҳо, инчунин тавассути татбиқи сиёсати нарх ва даромад дар марҳилаҳои муайяни рушди кишвар дар доираи сиёсати умумии иқтисодӣ ё дар соҳаҳои алоҳидаи иқтисодиёт амалӣ мешавад.**

Дар айни замон нархи тақрибан 20% молҳо ва хизматрасониҳои истеъмолӣ аз ҷониби мақомоти давлатӣ танзим карда мешавад. Асоси ҳуқуқии танзими нархҳо дар Юнон Фармони Президент мебошад, ки ҳамчун Кодекси танзими бозор мебошад. Тибқи муқаррароти ҳамин Кодекс, ҳама молҳо ва хизматҳое, ки таҳти танзими нарх қарор доранд, ба ду гурӯҳ тақсим карда мешаванд. Гурӯҳи аввал аз молҳо ва хизматҳое иборат аст, ки ба салоҳияти ҳукумат ва дигар ташкилотҳои давлатӣ дохил мешаванд. Ба ин молҳо ва хизматҳо маҳсулоти кишоварзии истеҳсоли оммавӣ (гандум, тамоку, мавиз), тарифҳои барқ, нақлиёти ҷамъиятӣ, алоқа ва почта, интиқоли мусофирони ҳавоӣ ва баъзе дигар хизматрасониҳо дохил мешаванд. Ҳалли масоил дар бораи тағйирёбии нархҳои ин молҳо ва хизматҳо ба зиммаи Кумитаи байнивазоратии нарх ва даромад, ки онро вазири иқтисоди миллӣ роҳбарӣ мекунад, супорида шудааст. Ба ин кумита вазирони молия, саноат, кишоварзӣ, савдо, инчунин баъзе вазирони дигар - меҳнат, тандурустӣ ва ғайра шомиланд. Баррасии тағйирёбии нархҳо аз ҷониби кумита бо пешниҳоди вазоратҳои гуногун ва ширкатҳои давлатӣ ё бо ташаббуси худи кумита ё ҳукумат сурат мегирад. Барои молҳо ва хизматрасониҳои категорияи якум ҳадди болоии нархҳо ё фоидаи максималӣ (ба ҳисоби фоиз ё мутлақ) ба фурӯшандаи яклухт ва чакана (корхона) алоҳида муқаррар карда мешавад. Ба ин категория асосан маҳсулоти хӯроквории асосӣ дохил мешаванд, ки барои 10-тои он маҳдудияти болоии нархҳо муқаррар карда шудааст (ду намуди панир, чор навъи нон, як навъи орд ва шакар, ки барои онҳо нархи яклухт муқаррар карда шудааст). Ба ҳамин категория нӯшокиҳои спиртӣ, хизматрасонии тарабхонаҳо, барҳо, снэкҳо (категорияҳои паст), маҳсулоти кишоварзӣ, баъзе намудҳои мошинҳо ва қисмҳои нав барои онҳо, бензин, мазут, сӯзишвории дизелӣ, гази моеъ, хизмати таксӣ ва ғайра дохил мешаванд. Назорати риояи нархҳои танзимшаванда ва ҷамъоварии маълумотро дар бораи сатҳи нархҳои дар бозор ҳукмфармо аз ҷониби шуъбаи махсуси Вазорати савдо ба амал меорад. Ин вазорат инчунин хадамоти махсус - полиси бозор дорад, ки ба таври муназзам нархҳо дар бозору мағозаҳоро назорат мекунад. Барои нархҳоро дар сатҳи паст нигоҳ доштан, инчунин афзоиши ҳаҷми фурӯши молҳои истеъмолӣ ва маишӣ, ашёи рӯзгор ва ғайра дар кишвар соле ду маротиба ин молҳо бо нархҳои имтиёзнок фурӯхта мешаванд. Барои вайрон кардани қоидаҳои нарх ё қоидаҳои рақобат Кумитаи рақобат ваколатдор аст, ки дар бораи ситонидани ҷарима дар ҳаҷми аз 300 то 30 ҳазор доллар қарор қабул кунад. Гурӯҳи дуюм молҳо ва хизматҳои дигарро дар бар мегирад. Танзими нархҳоро барои онҳо вазири савдо амалӣ мекунад. Дар айни замон, имкон дорад, ки вазифаҳои иҷроияи онҳоро (пурра ё қисман) ба мақомоти маҳаллӣ супоранд, ки бо вуҷуди ин нақши ёрирасон доранд, зеро қарорҳои онҳо бидуни тасдиқи вазири савдо эътибори ҳуқуқӣ надоранд. Молҳо ва хизматҳои гурӯҳи дуюм ба се категория тақсим карда мешаванд: 1) «нокифоя», 2) «зарурии басанда», 3) «ночиз». Категорияи дуюм молҳо ва хизматҳои зеринро дар бар мегирад: маводи шустушӯй, баъзе намудҳои ашёи хом ва маҳсулоти нимтайёр, гипс, асбест, баъзе намудҳои таҷҳизоти хонагӣ, хизматрасонии таваққуфгоҳ, тарабхонаҳои категорияҳои олӣ ва муассисаҳои фароғатӣ, нуқтаҳои тозакунии хушкӣ ва ғайра (дар маҷмӯъ 86 намуди молҳо ва хизматҳо). Нархҳои онҳо таҳти танзими начандон шадид қарор доранд ва танҳо ба хотири ҷилавгирӣ аз гирифтани фоидаи изофаи савдо назорат карда мешаванд. Дар ин ҳолат, масъалаи истихроҷи фоидаи барзиёд дар ҳарду ҳолат алоҳида ҳал карда мешавад. Ба категорияи сеюм молҳое дохил мешаванд, ки моли муҳим ҳисобида намешаванд. Нархҳо барои онҳо бидуни иштироки мақомоти давлатӣ озодона ташкил карда мешаванд.

**2. Дар Кодекси ҷиноятии Федератсияи Русия дар фарқият аз Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баробари моддаи 178 – маҳдудкунии рақобат дигар модда - 185.3. сӯистеъмол (қаллобӣ) дар бозор ҷой дорад. Маълум гардид, ки дар лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии ҶТ оид ба сӯистеъмол (қалобӣ) дар бозор моддаи 306 пешбинӣ шудааст. Аз ин рӯ, пешниҳод менамоем, ки дар моддаи 306 лоиҳаи нави Кодекси ҷиноятии ҶТ дар бораи паҳнкунии оммавии маълумоти бардурӯғ дар бораи тағйирёбии нархҳои чаканаи маҳсулоти аввалия қисми алоҳида бо тадбиқи ҷазо муқаррар карда шавад.**



Парвон МИРЗОЗОДА
дотсенти кафедраи
ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат

# ТАЪМИНИ СИФАТ ВА БЕХАТАРИИ МОЛ ДАР БОЗОРИ МОЛҲОИ ИСТЕЪМОЛӢ



Баъди соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон дар раванди иқтисодии кишвар тағйироти куллӣ ба амал омад, дар ҳама самтҳои муносибатҳои иқтисодӣ, аз ҷумла шаклҳои хоҷагидорӣ, усулҳои нав роҳандозӣ шуданд, ки ин иқдом барои сифатан беҳтар гардидани молу маҳсулот, сатҳи хизматрасониҳо, саривақт иҷро намудани корҳои дахлдор мувофиқат менамояд.

Таъминоти сифат ва бехатарии мол (кор, хизмат) вазифаи муҳим ва аввалиндараҷаи институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ буда, назорати қатъии меъёрҳои мансуб ба сифатнокии мол (кор, хизмат) аз ҷониби онҳо ба роҳ гузошта шуда, ин омил ба рӯзгори обод ва қаноатмандии мардуми кишвар аз моли (кори, хизмати) харидааш (фармоиш додааш) замина мебошад. Дар сурати сифатан ба талабот ҷавобгӯй набудани мол (кор, хизмат) бояд мо кафолати баргардонидани маблағ ё иваз намудани онро ба моли, кори, хизмати) дигари босифат дошта бошем.

Қайд намудан лозим аст, ки инкишофи муносибатҳои бозоргонӣ дар Тоҷикистон бздиди сиёсати императивии давлатиро нисбати низоми талаботҳои ҳатмӣ ба сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат талаб намуд. Пешравии муносибатҳои истеъмолӣ нишон дод, ки низоми муайяни то айни замон мавҷудбуда худро куҳна нишон дода, он дар амалия натавонист назорати воқеиро аз болои сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат таъмин намояд. Дар натиҷа монеаи муайян дар ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба амал омад, ки он инкишофи иқтисодиёти Тоҷикистонро фаро гирифта, оқибат ба навсозӣ эҳтиёҷ пайдо кард. Аз ҷумла, қабули кодексҳои граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон қисми I аз 30 июни соли 1999 ва қисми II аз 11 декабри соли 1999, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2004, № 72 «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз 19 майи соли 2009, № 522 «Дар бораи бамеъёрдарории техникӣ», аз 29 декабри соли 2010, № 668 «Дар бораи стандартонӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври пурра натавонистанд ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба таври дахлдор дар баъзе мавридҳо ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизмат) таъмин намоянд.

Дар паёми худ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2018 доир ба масъалаи пастсифат будани маводи доруворӣ ва сатҳи пасти хизматрасонии тиббӣ изҳори нигаронӣ карда буданд. Аз ҷумла такид намуданд, ки «Яке аз масъалаҳое, ки бо вуҷуди таъкидҳои доимӣ ислоҳ нашуда истодааст, ҳоло ҳам паст будани сатҳу сифати хизматрасонӣ ва муошироти табибон мебошад ва роҳбарони Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ вазифадоранд, ки дар ин самт тадбирҳои муассир андешанд. Соли ҷорӣ бо мақсади пурзӯр намудани ҷавобгарии маъмурӣ ва ҷиноятӣ барои ғайриқонунӣ ба ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид намудан ва ба муомилот баровардани доруворӣ бесифат ё муҳлати истифодааш гузашта ё истеҳсол кардани онҳо дар мамлакат, инчунин, дар натиҷаи фаъолияти тиббӣ ба бемориҳои сироятӣ гирифтор шудани мизоҷон ба қонунгузорӣ тағйирот ворид карда шуд».

Таҳлили қонунгузории кишвар далели он аст, ки дар механизми таъминоти ҳуқуқии сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ҳуқуқи гражданӣ танҳо як самтро дар худ фаро мегирад. Барои ҳалли комплексии масъалаҳои мазкур робитаи мутақобилаи як қатор соҳаҳои ҳуқуқ: маъмурӣ, гражданӣ, ҷиноятӣ ва ғ. зарур аст, аммо ба ҳуқуқи гражданӣ дар вақти таъмини сифат бояд бартарият дода шавад. Ин бо он алоқаманд аст, ки тарзҳои гражданӣ-ҳуқуқии таъмини сифати мол, кор ва хизмат дар шароити иқтисоди бозаргонӣ амалкунанда мебошад.

Дар замони муосир таҳлили амалияи ҳуқуқвайронкунии истеъмолкунандагон исботи он аст, ки яке аз воситаҳои вайрон кардани ҳуқуқи истеъмолкунандагон ба сифат ва бехатарии мол, кор, хизматрасонӣ интернет мебошад. Вайронкуниҳои асосии ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҳангоми хариди мол (кор, хизмат) дар Интернет инҳоянд: фурӯши мол (кор, хизмат)-и бесифат ва хатарнок, ки ба талаботи ҳатмӣ ҷавобгӯ нест; нарасонидани мол (кор, хизмат) тибқи шартномаи бадастовардашуда; вайрон кардани муҳлати расонидани мол (кор, хизмат); фурӯши мол (кор, хизмат)-и дорои сифати паст ё мол (кор, хизмате), ки ба тавсиф (интизорӣ) мувофиқат намекунад; иштибоҳан гумроҳ кардани истеъмолкунанда оид ба хосиятҳои истеъмолии мол; пинҳон кардан ё нопурра ифшо кардани маълумот дар бораи фурӯшанда (истеҳсолкунанда, иҷрокунанда); саркашӣ аз баррасии талаботи истеъмолкунанда; барнагардонидани (саркашии баргардонидани) маблағҳои истеъмолкунанда; рад кардани пардохти зарар (ноустуворона) ба истеъмолкунанда.

Аз ин рӯ, зарур аст маърифати рақамии истеъмолкунандагон баланд бардошта шавад, то истеъмолкунандагон тамоми доираи технологияҳои Интернетиро истифода баранд, дар бораи мол (кор, хизмат) дар Интернет маълумот пайдо кунанд, дуруст арзёбӣ кунанд ва интихоби оқилона ҳангоми харид дар мағозаи онлайн, инчунин дорои малакаҳои муҳофизатӣ аз таҳдидҳои Интернетӣ бошанд.

**Барои ба сомон расонидани корҳои зикршуда ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон ҳамчун истеъмолкунанда қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нав ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ амалкунанда зарур мебошад. Дар ин асно пешниҳод менамоем:**

**1.Стратегияи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар ҶТ қабул карда шавад, ки масъалаҳои зеринро дарбар мегирад: муқаррароти умумӣ; арзёбии ҳолати ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон; мақсад, вазифаҳо ва самтҳои афзалиятноки татбиқи Стратегия; Натиҷаҳои чашмдошт;**

**2. Барои таъмини ҳуқуқи истеъмолкунанда ба фавран бартараф кардани камбудиҳои мол пешниҳод карда мешавад, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» дар нашри зерин илова карда шавад: «Агар муҳлати бартараф кардани камбудиҳои мол дар созишномаи шакли хаттии тарафҳо муайян нагардида бошад, ин камбудиҳо аз ҷониби истеҳсолкунанда (аз ҷониби фурӯшанда, ташкилоти ваколатдор ё соҳибкори инфиродии ваколатдор, интиқолдиҳанда) фавран бартараф карда шавад, аммо дар ҳама ҳолат аз муҳлати на зиёдтар аз понздаҳ рӯз».**

**3. Зарур аст, ки бо тартиби қонунгузорӣ суғуртакунии ҳатмии таваккали масъулияти фурӯшандаро (истеҳсолкунанда, пудратчӣ. иҷрокунанда) дар вақти фурӯши мол (кор, хизмат), ки таваккали баланди расонидани зарарро фаро мегирад, барои расонидани зарар ба шахси сеюм бо норасоии мол, кор ва хизмат ҷорӣ намоем.**

**4. Қонунгузории танзимкунандаи сифати мол, кор ва хизматрасониро дар кишвар Конститутсияи ҶТ, Кодекси гражданӣ, Қонунҳо «Дар бораи стандартонӣ», «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои мушаххас намудани мафҳуми сифати мол, кор ва хизматрасонӣ пешниҳод менамоем, ки дар санадҳои танзимкунандаи масоили мазкур чунин мафҳум ворид карда шавад: «Сифати мол, кор, хизматрасонӣ - маҷмӯи хусусиятҳои фоиданоки техникӣ, иқтисодӣ ва дигар хусусиятҳои умумии фоиданоки мол (кор, хизматрасонӣ) мебошад, ки дар ҳама зинаҳои давраи мавҷудияти он ба вуҷуд омадааст ва дар ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-техникӣ ва шартҳои шартнома дарҷ гардидааст. Дар зери мафҳуми мол, кор ва хизматрасонии босифат бошад, маҳсулоте фаҳмида мешавад, ки ба шартнома ва талаботи ҳатмии қонун мувофиқ аст, ки онро аз рӯи таъиноташ ба пуррагӣ бе коркарди дахлдор истифода бурдан мумкин аст.**

**5. Пешниҳод карда мешавад, ки дар кишвар низоми мустақили экспертизаи сифат ва бехатарии мол, кор ва хизмат ташкил карда шавад, ки ҷалби коршиносонро дар раванди ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон афзоиш дода, феҳрист ва рейтинги ҷамъиятии ташкилотҳоро бунёд намуда, экспертизаи мустақили сифат ва бехатарии мол, кор ва хизматро анҷом медиҳад ва натиҷаи чунин экспертизаро дар манбаи иттилоотии давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ҷойгир менамояд.**

# ДАСТОВАРДИ ИЛМӢ

Факултети ҳуқуқшиносӣ ҷиҳати таҷдиди китобҳои дарсӣ ва рӯи нашр овардани онҳо, инчунин навиштани китобҳои дарсӣ бо дарназардошти барномаҳои давлатии таълим дар мактиби олӣ пайваста тадбирандешӣ менамояд. Маҳз натиҷаи ҳамин талошҳост, ки устодони факултет пайваста китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимии худро рӯи нашр меоранд. Аз ҷумла, аз ҷониби устодони кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат – Сангинов Д.Ш., Бобокалонов Ғ.М., Мирзозода П.З., Кабутов Э.Д., Мавлонназаров О.А., Шарифов И.М. ва Шонасридинов Н. китоби дарсии «Ҳуқуқи меҳнат ва таъминоти иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои донишҷӯёни зинаи таҳсилоти бакалаври ихтисоси ҳуқуқшиносии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ рӯи нашр омад. Китоби ишорашуда фарогирандаи 2 фасл, 16 боб ва 452 саҳифа мебошад.

Идораи рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос», садорати факултети ҳуқуқшиносӣ ва устодону кормандони ин боргоҳ муаллифони китоби мазкурро бо ин дастоварди илмиашон табрик намуда, дар фаъолияти минбаъдаи онҳо барору комёбӣ орзу менамоянд.




Марҳилаи зардуштия яке аз марҳилаҳои калонтарини инкишофи таърихии тоҷикон ба ҳисоб меравад.

# УСТОД – РОҲНАМОИ ДИРӮЗУ ИМРӮЗ



Миллати тоҷик дар давраҳои инкишофи таърихии хеш абармардонеро парвардааст, ки маҳз бо хизматҳои мондагори худ ба дилу дидаи мардум ҷой гирифтаанд. Ба қатори садҳо фарзонафарзандони ин миллати куҳанбунёд метавон устод Неъматулло Абдуллоевро шомил намуд. Зеро устод тавонистанд, ки дар тӯли 82 соли умри бобаракати худ барои инкишофи илми ҳуқуқи тоҷик хизматҳои шоёнеро анҷом диҳад. Вақте сухан аз факултети ҳуқуқшиносии ДМТ меравад шахсиятҳое чун Неъматулло Абдуллоев пеши назар меояд, ки дар ҳақиқат саромадони илми ҳуқуқи Тоҷикистон ҳисоб меёбанд. Аз ҳамин хотир, ман мехостам доираи фаъолияти устодро ба якчанд бахш ҷудо намудаву бахри хонандаи азиз пешниҳод намоям.

**1. Неъматулло Абдуллоев – асосгузори илми мурофиаи ҷиноятии тоҷик.** Бояд дар хотир дошт, ки Неъматулло Абдуллоев аз зумраи он олимоне мебошанд, ки дар ташаккули илми мурофиаи ҷиноятӣ дар Тоҷикистон саҳми бепоёне гузоштааст. Аз ҳамин сабаб устодро яке аз он саромадон ва таъсисдиҳандагони кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ меҳисобанд. Маҳз он ҳама заҳматҳои шабонарӯзӣ ва хизматҳои устод буд, ки соли 1973 дар сохтори факултет ин кафедра ба фаъолияти худ шурӯъ намудаву то инҷониб фаъолияти пурсамари худро давом дода истодааст. Боз муҳимияти масъалаи таҳлилшаванда дар он аст, ки аз соли 1990 то соли 2008 роҳбарии кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурориро устод Неъматулло Абдуллоев ба зиммаи худ мегирад. Дар давраи роҳбариаш устод фаъолияти кафедраро ҷоннок намуда, ба якчанд дастовардҳои илмӣ ноил мегардад. Дар баробари ин дар ин давра бо ташаббус ва ҳидоятҳои бевоситаи устод аз ин кафедра якчанд олимон аз зумраи Искандаров З.Х., Маҳмудов И.Т., Ғафуров Х. ва Абдуллоев П. рисолаи номзадии худро берун аз кишвар ҳимоя намуданд, ки ҳамаи ин самараи меҳнати устод мебошад.

**2. Неъматулло Абдуллоев – олими забардаст ва тадқиқотчии асил.** Паҳлӯи дигари фаъолияти устодро корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ташкил медиҳад. Бояд гуфт, ки дар ин самт устод хизматҳои нотакрореро анҷом дода истодааст. Маҳз он ҳама талошу заҳматҳои устод аст, ки имрӯз илми мурофиаи ҷиноятии тоҷик ба як нуқтаи баланд расидааст. Баъди оне, ки устод рисолаи номзадии худро дар мавзӯи "Принсипи забони миллии истеҳсолот оид ба парванда дар мурофиаи ҷиноятии советӣ" дифоъ намуд, бахши асосии корҳои илмии устодро дар тӯли фаъолияташон илми ҳуқуқи мурофиаи ҷиноятӣ ташкил намуданд.

**3. Неъматулло Абдуллоев – муаллими роҳнамо ва равшангар.** Яке аз бахшҳои умдаи фаъолияти устодро бевосита касби муаллимӣ ташкил медиҳад, ки то ба ҳозир ин касби пуршарафро давом дода истодааст.

Дар ҳақиқат устод шамъеро монад, ки худашон сӯхтаву ба дигарон равшанӣ медиҳад. Ҳарчанде ки имрӯз ман низ ба дараҷаи устодӣ расида бошам ҳам, вале то ба ҳол дар назди устод ҳамоно шогирди кучакам ва аз таҷрибаҳои устод фаровон истифода мебарам.

Мегӯянд заҳмати устод зомоне барбод намешавад, зеро аз худ шогирдони забардаст боқӣ мемонад. Чун ман имрӯз ба устодони ботаҷрибаи кафедра ба мисли Маҳмудов И.Т., Искадаров З.Ҳ., Бахриддинов С.Э., Ғафуров Х.М., Афзалов А.Х. ва даҳҳо устодони дигар менигарам бо як ифтихори бузург мегуям, ки ин хама натиҷаи заҳматҳои устод Неъматулло Абдуллоев мебошанд.

Имрӯзҳо синни мубораки Неъматулло Абдуллоев ба 82 мерасад ва месазад, ки устодро барои расидан ба ин умри пурбаракат табрик намудаву аз эшон барои нақши созандаашон дар инкишофи илми ҳуқуқи Ҷумҳурии Тоҷикистон изҳори сипос намуд. Пеш аз ҳама ба устод умри дарози пурбаракат, саодати баланд ва тамоми хушиҳои зиндагиро таманно дорам. Бигзор доимо дар бари мо шогирдонашон бошанду барои боз ҳам равнақ ёфтани илми ҳуқуқи Тоҷикистон саҳмгузор бошанд.

**Таҳияи Сафаргул ШОҚУЛОВА**
**ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурорӣ**

# ҲУҚУҚҲОИ ИСТЕЪМОЛКУНАНДАГОН ДАР БОЗОРИ ИТТИЛООТӢ



**Одилбек МАВЛОНАЗАРОВ**
**дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорат**

Яке аз масъалаҳои муҳим ва актуалӣ ҳифзи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон дар бозори иттилоотӣ ба шумор меравад. Бозори иттилоотӣ яке аз шаклҳои муташаккилонаи таҳия, истифодабарӣ ва паҳннамудани иттилооти ҳифзшаванда мебошад. Дар он давлат, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, инчунин шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ иштирок менамоянд ва эҳтиёҷоти дархосткунандагон ҳамчун истеъмолкунандагони иттилоот қонеъ гардонида мешавад.

Аслан истеъмолкунадагон ҳуқуқ ба маълумот доир ба мол, бехатарии мол, интихоби озоди мол дошта, дар баробари ин, ҳуқуқ ба ҳифзи судӣ вобаста ба ҳимояи манфиатҳои худро соҳибанд.

Ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагонро ба судӣ ва ғайрисудӣ, инчунин дар асоси Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи истеъмолкунандагон» ба ҳимояи судӣ, ҳимояи давлатӣ ва ҳимояи ҷамъиятӣ ҷудо менамоянд. Чуноне ки маълум аст, ҳуқуқҳои дар қонунгузории ҶТ пешбинигардидаи истеъмолкунандагонро суд ҳимоя мекунад. Вобаста ба ин, даъвоҳо ба суди маҳалли зисти даъвогар ё маҳалли ҷойгиршавии ҷавобгар ва ё маҳалли зарари расида пешниҳод карда мешаванд.

Мувофиқи муқаррароти моддаи 38 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» назорати давлатӣ оид ба риоя ва иҷрои талаботи қонунгузории ҶТ дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон аз ҷониби мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ (сохторҳои минтақавии он) амалӣ мегардад.

Талаботи истеъмолкунанда оид ба моли ҳаммонанд иваз кардан, мутаносибан кам кардани нархи хариди моли дорои сифати номатлуб, ҷуброни харочот аз тарафи истеъмолкунанда ё шахси сеюм барои рафъи нуқсони мол, инчунин ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи бекор кардани шартномаи хариду фурӯш ба истеъмолкунанда расидааст, аз ҷониби фурӯшанда бояд фавран қонеъ гардонида шавад. Агар фурӯшанда талаботи қонунии истеъмолкунандаро қонеъ накард, ӯ метавонад ба сохторҳои давлатӣ – Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ, милитсия, прокуратура ва ё Иттифоқи истеъмолкунандагони Тоҷикистон муроҷиат намояд. Қайд менамоем, ки барои ба таъхир андохтани иҷрои талаботҳои қонун, фурӯшанда уҳдадор мегардад, ки барои ҳар як рӯзи ба таъхир андохтани талабот, ноустуворона дар ҳаҷми 1% барои ҳар як рӯз пардохт намояд.

**Бояд донист, ки на танҳо моли сифаташ номуносиб баргардонида мешавад, балки моли сифаташ муносиб низ, баргардонида мешавад. Аммо барои баргардонидани моли сифаташ муносиб, қонунгузор якчанд шартҳоро муқаррар намудааст.**

Аввал, муҳлати баргардонидан аз 14 рӯз зиёд набошад;

Дуюм, мол бояд истифода нагардида бошад;

Сеюм, борҷома, борчасп, нишонаҳои фирмавӣ ва ғайра бояд нигоҳ дошта шуда бошанд.

**Бояд қайд намуд, ки на ҳама молҳои сифаташон муносиб иваз ва баргардонида мешаванд. Маводҳои доруворӣ, воситаҳои нигоҳдории шахсӣ, либоси таг, молҳои бо метр фурӯхташуда, молҳои кимиёвии маишӣ ва ғ. иваз ва баргардонида намешаванд.**

Барои такмил намудани Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» чунин пешниҳодҳоро манзур менамоем:

1. Банди якуми моддаи 1-уми Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» зери мафҳуми истеъмолкунанда – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ният дорад мол (иҷрои кор, хизматрасонӣ)-ро фармоиш диҳад ё харидорӣ намояд, ё худ онҳоро танҳо барои эҳтиёҷоти шахсӣ, оилавӣ, рӯзгор ва ғайра, ки бо анҷом додани фаъолияти соҳибкорӣ алоқаманд намебошанд, истифода намояд. Аз ин рӯ, мо пешниҳод дорем, ки дар мафҳуми истеъмолкунанда истифодаи шахси ҳуқуқӣ нодуруст мебошад ва мафҳуми шахси ҳуқуқӣ аз мафҳуми мазкур хориҷ карда шавад.

2. Моддаи 17-и қонуни мазкур ба ҳимояи судии ҳуқуқи истеъмолкунандагон бахшида шудааст, аммо дар қисми сеюми моддаи мазкур қайд мегардад, ки мақоми давлатии зиддиинҳисорӣ (сохторҳои минтақавии он), ки ба сифат ва бехатарии мол (кор, хизматрасонӣ) назорат мекунанд, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон (иттифоқҳо ва ассотсиатсияҳои онҳо) доир ба даъвоҳое, ки ба манфиати истеъмолкунандагон, гурӯҳи истеъмолкунандагон, гурӯҳи номуайяни истеъмолкунандагон пешниҳод мекунанд, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда мешаванд. Аз ин рӯ, хуб мешуд, ки худи истеъмолкунанда низ аз пардохти боҷи давлатӣ озод карда шавад.

3. Бо мақсади баланд бардоштани маълумотнокии истеъмолкунандагон Қонуни ҶТ «Дар бораи иттилооти истеъмолкунандагон» қабул карда шавад. Масалан, дар Ҷумҳурии Молдавия, Олмон ва дигар кишварҳо чунин қонун аллакай қабул шудааст, ки ба манфиати кор аст.

4. Хуб мешуд, ки дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» мафҳуми алоқаи фосилавии истеъмолкунандагон ворид карда шавад.

5. Дар бозорҳои шаҳру ноҳияҳо шуъбаи иттилоотии истеъмолкунандагон таъсис дода шавад.

6. Номи Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати ҶТ ба «Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон» иваз карда шавад.

# ҲАФТАИ ИЛМ ДАР

Ҳамасола дар Донишоҳи миллии Тоҷикистон дар доираи «ҳафтаи илм» Конференсияи ҷумҳуриявии илмию назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ баргузор мегардад. Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯёни ДМТ имсола ба як қатор ҷашн ва чорабиниҳои муҳимми давлатӣ рост омад, аз он ҷумла ҷашнҳои 30-солагии Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 110-солагии Шоири халқии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода, 110-солагии нависандаи халқии Тоҷикистон Сотим Улуғзода ва «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф (солҳои 2020-2040)». Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданд, таҳким бахшидани иқтидори илмии кишвар, ҷорӣ кардани ихтироот дар истеҳсолот, устувор гардонидани пояҳои моддиву техникии муассисаҳои таълимӣ, баланд бардоштани сифати таълим дар ҳамаи зинаҳои таҳсилот, ҷалби боз ҳам васеи истеъдодҳои ҷавон ба омӯзиши технологияҳои муосир ва корҳои эҷодиву техникӣ вазифаи муҳимтарини соҳаҳои илму маориф мебошад.

Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ дар факултети ҳуқуқшиносӣ кори худро аз 20-ум то 27-уми апрели соли 2021 идома дод. Мувофиқи барнома дар факултети ҳуқуқшиносии ДМТ дар 11 бахш аз 196 маърӯзаи аз тарафи устодону кормандон пешниҳод шуда, 194 маърӯза мутобиқи нақша ва 9 маърӯзаи иловагӣ шунида шуд. Дар муқоиса бо соли гузашта дар 11 бахш аз 175 маърӯзаи аз тарафи устодон пешниҳод шуда, 173 маърӯза тибқи барнома ва 9 маърӯзаи иловагӣ шунида шуда буд.

Дар конференсияи имсола масъалаҳои рӯзмарраи ҳуқуқӣ, ба монанди: назарияи фарогир (универсалӣ)-и ҳуқуқи инсон ва аҳамияти он дар эътирофи

















# ФАКУЛТЕТИ ҲУҚУҚШИНОСӢ

арзишҳои башарӣ ва андешаи инсондӯстӣ, андешаи ҳуқуқи инсон дар низоми ҳуқуқии зардуштӣ мушкилоти ҳуқуқии танзими мафҳум ва аломатҳои фаъолияти соҳибкорӣ, назарияи худидораи маҳаллӣ, асосҳои назариявии ҳифзи ҳуқуқии ҷиноятии фаъолияти соҳибкорӣ, моҳияти объектҳои обӣ дар низоми объектҳои ҳуқуқи гражданӣ, назорати прокурорӣ оид ба иҷрои қонунҳо дар давраи оғози парвандаи ҷиноятӣ, масъалаҳои мубрами ҳуқуқи замин дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мафҳум, намуд ва шаклҳои назорати гумрукӣ, тавсифи криминалистии ҷинояти одамкушӣ, муҳаққиқони Аврупои Ғарби роҷеъ ба адабиёти асрҳои миёнаи форсу тоҷик ва ғайраҳо баррасӣ карда шудаанд.

Қисми дигари фаъолиятӣ илмӣ дар ҳафтаи илм ин багузор гардидани Конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати донишҷӯёни ДМТ мебошад. Мувофиқи барнома дар 11 бахш 325 маърӯзаҳои донишҷӯёни факултети ҳуқуқшиносӣ пешбинӣ шуда буд, ки аз ин 320 маърӯзаи донишҷӯён шунида шуд. Имсол бо сабабҳои узрноку ғайриузрнок тибқи барнома 5 нафар донишҷӯён дар конференсия иштирок надоштанд. Берун аз нақшаи барнома 50 нафар дар конференсия маърӯза карданд.

Аз маърӯзаҳои донишҷӯён бармеояд, ки мақсади конференсияи илмӣ-назариявӣ ин кушодан ва баррасӣ намудани ҷиҳатҳои актуалӣ ва масъалаву муаммоҳои ҳалталаби соҳаҳои ҳуқуқ мебошад. Дар конференсия донишҷӯён бо се забон тоҷикӣ, русӣ, англисӣ баромад намуданд. Дар ҷараёни конфренсия аз воситаҳои технологию иртиботӣ ва воситаҳои аёнӣ ба таври васеъ истифода карда шуд.

Дар фарҷоми конференсияи ҷумҳуриявӣ маърӯзаҳои беҳтарини устодон ва донишҷӯён дар бахшҳо муайян карда шуда, ба онҳо ифтихорномаҳо ва туҳфаҳои хотиравӣ супорида шуд.

**Таҳияи Парвиз АБДУЛЛОЕВ**

















# ҲУДУДИ ТОҶИКИСТОН – ТАҚСИМНАШАВАНДА ВА ДАХЛНОПАЗИР

**Аз таърих маълум аст, ки яке аз нишонаҳои асосии ҳар як давлат мавҷудияти ҳудуди он ба ҳисоб меравад. То имрӯз ин нишонаи давлат хусусияти худро гум накарда, хоси давлатҳои имрӯзаи соҳибистиқлол мебошад.**



Саидакбар ҚОДИРОВ
донишҷӯи соли 4

Чунки бе мавҷудияти ҳудуди мустақил имконияти арзи ҳастӣ кардани як давлати соҳибихтиёр ғайриимкон мебошад. Баръакс дар шароити ҷаҳонишавӣ ин хусусият моҳияти муҳим ва арзишмандро соҳиб гардидааст. Чунки дар ин раванд омилҳои зиёди ба вуҷуд омадани таҳдидҳо барои вайрон кардани дахлнопазирии ҳудуди давлат ва барҳам задани суботу оромӣ дар ҳар як кишвари мустақил мавҷуд аст. Аз ҷумла, бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, доман пахн кардани кирдорҳои экстремистиву террористӣ, ба вуҷуд омадани задухурдҳои мусаллаҳона дар ҳамсоякишварҳо, ба миён омадани бесарусомонӣ ва ғасби ҳокимият дар давлатҳои ҷаҳон ва ғайра.

Бинобар ин муҳиммияти худ, дахлнопазирии ҳудуди Тоҷикистон дар санади олии ҳуқуқӣ – Коститутсияи ҶТ, ки бо иродаи мардуми кишвар қабул гардидааст, мавқеи арзишмандро соҳиб гардида, тавассути қонунгузории ҶТ тартиби таъсис ва тағйири он мустаҳкам гардидааст.

**Дар моддаи 7 Конститутсияи ҶТ муайян шудааст: «Ҳудуди Тоҷикистон тақсимнашаванда ва дахлнопазир мебошад... Тарғиб ва амалиёти ҷудоиандозӣ, ки яганагии давлатро халалдор мекунад, манъ аст».**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия, қонунҳо ва санадҳои зерқонунӣ қаламрави давлат ҳудуде мебошад, ки дар он давлат ҳамчун ташкилоти мустақили ҳокимияти сиёсӣ фаъолият менамояд. Ҳудуди давлат ҳамчун унсури асосии бехатарии он ба шумор рафта, ҳифз ва таъмини тамомияти арзии он яке аз вазифаҳои асосии мақомоти давлатӣ ва ҳар як шаҳрванди бо нангу номус ба шумор меравад. Зеро ба даст овардани истиқлолият, таъмини сулху субот, оромии ҷомеа, фаъолияти дурусти сохторҳои давлатӣ, хулоса тамоми ҳаёти ҷамъиятиву давлатӣ аз ҳудуди мустақил доштани давлат вабастагӣ дорад.



Тақсимнашавандагӣ ва дахлнопазирии ҳудуди давлат бо соҳибихтиёрӣ, истиқлолият ва тамомияти арзии он робитаи ҷудонопазир дорад. Дахлнопазирии ҳудуди давлат маънои онро дорад, ки ҳеҷ як давлати дигар, шахсони мансабдори давлати дигар, ташкилоту созмонҳои хориҷӣ наметавонад ҳудуди давлати Тоҷикистонро аз они худ намоянд.

Соҳибихтиёрии давлат аз он далолат мекунад, ки тамоми сиёсати дохилӣ ва берунӣ, тартиби ташкил ва фаъолияти мақомотҳои ҳокимияти давлатиро маҳз худи давлат муайян мекунад. Ҳамин тавр, қонуни асосии кишвар тамоми мақомотҳои давлатиро вазифадор сохтааст, ки кафолати тамомияти арзии мамлакатро таъмин намоянд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон айни замон бо 4 кишвари ҳамсоя – Ӯзбекистон, Афғонистон, Чин ва Қирғизистон ҳамсарҳад мебошад. Вобаста ба ин, ба миён омадани баҳсҳо ва гуфтушунидҳо доир ба муайян кардан ва аломатгузории сарҳади давлатӣ табиӣ буда, ки хоси тамоми кишварҳои ҷаҳон доир ба ин масъала мебошад. Тоҷикистон низ аз ин мушкилот раҳо нест, аммо тавре ки Пешвои миллат ҳангоми сафари корӣ ба шаҳри Исфараи вилояти Суғд қайд намуданд:

**“Таҷрибаи муносибатҳои байналмилалӣ нишон медиҳад, ки робита бо ҳамсоякишварҳо бояд бо дарназардошти эҳтироми комили якдигар, таҳаммулгароӣ ва арҷгузорӣ ба манфиатҳои миллии ҷонибҳо ба роҳ монда шавад».**

Ҳамчунин Пешвои миллат зикр намуданд, ки «дар 19 соли раванди гуфтушунидҳо вобаста ба масъалаи муайян кардан ва аломатгузории сарҳади давлатӣ бо ҳамсоякишвари мо - Қирғизистон иваз кардани ҳудуди Ворух ба ҳудуди мамлакати дигар вуҷуд надошт ва вуҷуд дошта ҳам наметавонад». Ин аз таҳаммулпазирии Сарвари давлат ва ҳифзи якпорчагии кишвари соҳибистиқлол шаҳодат дода, сиёсати хирадмандонаи ҳукумати мамлакат ба он равона гардидааст, ки дар раванди бархурди манфиатҳои давлатҳои абарқудрат, миллату кишвари азизи мо дучори фитнаву дасисаҳои дигарон нагардида, бо таҳаммулпазирии оқилона тавонанд ҳама мушкилоти ба вуҷудомадаро ба манфиати худ ҳаллу фасл намоянд.

**Аҷдодони мо тоҷикон аз азал рӯ ба фарҳанг овардаанд ва аз ҷумлаи мардуми тамаддунофар ба ҳисоб рафта, ҳудуди ҳеҷ миллат ва давлатеро бо қувваи зурӣ ғасб накардаанд.**

Тавре ки шоири воқеънигор қайд намудааст:

**Таърих гувоҳаст, ки дар ҳеҷ замоне,
Тоҷик ба хоки дигаре аз сари кина
Бо ҳамҳамаю дамдама лашкар накашидаст.
Таърих гувоҳ аст, ки дар арсаи таърих,
Тоҷик зи роҳи ҳасаду ҷаҳлу таассуб
Бар фарқи саре найзаю ханҷар накашидаст.
Алҳақ ҳама медонанду таърих гувоҳ аст
Тоҷик ҳама умр
Дар мағрибу машриқ
Кардаст мусаххар чи бас иқлиму мамолик...
Аммо на ба шамшеру камону сафи лашкар!
Бо санъату бо фитрату бо ақли мунаввар,
Бо ҳиммату бо ҳикмату бо шеъру тарона
Бо рӯҳи ҷавонанаю пирӯзгарона!**

# ХУДШИНОСИИ МИЛЛӢ ДАР ЗАМИРИ ҶАВОНОН



Суруш ШАРИФЗОДА
донишҷӯи соли 1

Дар сайёраи замин халқу миллатҳои мухталиф арзи ҳастӣ менамоянд. Ҳар як миллат таъриху фарҳанг, адабиёту санъат, расму оин ва сиришти худро дорад, ки дар заминаи он ҳаёти инсонӣ инкишоф ёфта истодааст. Бинобар ин, зарур аст, ки ҳар як инсон пеш аз ҳама дар шинохти давлати худ оҷиз набошад ва аз таъриху тамаддун ва шебу фарози роҳи тайкардаи миллати хеш комилан огоҳ бошад, худшиносию худогоҳии миллиро фаромӯш накунад.

Дар ин самт, Пешвои муаззами миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд, ки “барои мо худшиносӣ дар тарозуи замон баркашидани бурду бохтҳои давлатдорӣ, арзишҳои фарҳангиву маънавӣ ва муайян намудани дурнамои оянда ва ҳадафҳои созандагӣ мебошад. Худшиносӣ қутбнамоест, ки моро ба сӯи асолати милливу ҳувияти ватандорӣ раҳнамоӣ карда, бароямон роҳи душвори пешрафти оянда, кору пайкори навбатии давлатсозиву давлатдорӣ, расидан ба рӯзгори ободу осуда ва ҷомеаи мутамаддинро осонтар мегардонад”.

Дар воқеъ, худогоҳию худшиносӣ насли наврасу ҷавонро дар рӯҳияи ватандӯстиву ифтихори миллӣ, содиқат ба анъанаву суннатҳои аҷдодӣ, арҷ гузоштан ба арзишҳои таърихиву фарҳангии ниёгон ва дастовардҳои умумибашарӣ ҳидоят мекунад ва онҳоро чун ҳомиёни воқеӣ ва номбардори миллати хеш ба камол мерасонад. Суханони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон бозгӯи онанд, ки бо ташаккул ёфтани равандҳои гуногуни сиёсиву фарҳангӣ дар ҷаҳони муосир, сатҳи худшиносии миллии ҷавонон аҳамияти хоссаро баҳри устувории пояи давлатдорӣ касб менамояд.

Дар раванди ҷаҳонишавӣ бисёре аз арзишҳои аслии инсонӣ аз байн рафта, ҷойи онҳоро арзишҳое мегиранд, ки сунъию сохта ва фалаҷкунандаи мафкура, фарҳанг ва ахлоқ мебошанд. Ин раванд боиси коста гардидани сатҳи худшиносии миллии мо гардида, дар ин замина барои пойдории давлату миллат хатар эҷод мекунад. Бояд фаромӯш насозем, ки миллати мо тамоми арзишҳои моддию маънавӣ, адабию ахлоқӣ ва фарҳангию таърихиеро, ки барои як миллати комил хос мебошад, доро аст. Агар аз ибтидо таҳлил намоем, аз рӯзи таваллуд дар доираи арзишҳои миллии худ ба воя расида тарбия меёбем. Оғози ин ҳама домони пурмеҳри модар, гаҳвора ва суруди «алла» мебошад.

Донистани арзишҳои миллӣ, ҳисси баланди миллию ватандориро тақозо намуда, ифтихор ва нақши муҳимме барои инсоният дорад.

**Мо, тоҷикон, бояд хуб донем, ки ба расму оини миллӣ, забони миллӣ, таомҳои миллӣ, либосҳои миллӣ, мусиқии миллӣ, номҳои миллӣ, бозиҳои миллӣ, санъати меъмории миллӣ ва ҷашнҳои миллӣ арзишҳои таърихию фарҳангии халқи тоҷик мебошанд.**

Бинобар ин, дар бораи ин арзишҳо маълумоти дақиқу пурра доштан вазифаи асосии ҳар як шаҳрванди поквиҷдон ва бонангу номус, махсусан насли ҷавону навраси миллати тоҷик мебошад.

Бешубҳа сарчашмаи худшиносии мо арзишҳое мебошанд, ки нишондиҳандаи фарҳанг ва расму оини ниёгонанд. Маҳз ҳамин арзишҳо ғурури ватандорию ватансозӣ ва озодию истиқлолхоҳии моро то ба имрӯз нигоҳ дошта, яганагиву муттаҳидии миллати тоҷикро абадӣ гардондааст.

Мо, ҷавонон, набояд фаромӯш созем, ки худогоҳиву худшиносӣ танҳо ифтихор аз дастовардҳои илмиву адабӣ ва фарҳангии миллати хеш нест, балки пойгоҳи устувори маънавиест, ки ҷавонони бонангу номус ва огоҳу бедордили миллатро ба қиёсу хулосабарориҳо ва созандагиву бунёдкориҳо ҳидоят месозад.

**Худогоҳиву худшиносии миллӣ мо ҷавононро водор месозад, ки ба қадри модару Ватан, муқаддасоти миллӣ, рамзҳои давлатӣ, озодӣ соҳибистиқлолӣ, инчунин ба арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқӣ, забони модарӣ, адабиёти оламшумул ва таърихи маданияти куҳани халқи худ бирасем ва барои ба наслҳои оянда, гузоштани мероси арзанда кӯшиш намоем.**

**Ба маънои маҳдуд пораҳурӣ танҳо гирифтани пораро дар бар мегирад.**

# РӮЗГОРЕ БАРОИ ИБРАТ



**Менглиев Шомурат Менглиевич доктори илми ҳуқуқ, профессор, Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон, Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон (9.05.1941-29.07.2015).**

Менглиев Шомурат Менглиевич яке аз бунёдгузорони мактаби ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, зеро ӯ нахустин омӯзгор ва муҳаққике буд, ки ба таълиму таҳқиқи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Тоҷикистон машғул шуд. Соли 1993 ба тадриси ин фан дар факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон оғоз намуд. Нахустин воситаи таълимӣ ва китоби дарсии «Ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ» дар кишвар ба қалами устод Менглиев Ш. тааллуқ дорад. Имрӯз дар тамоми мактабҳои олии ҳуқуқии кишвар омӯзиши ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба ҳайси фанни таълимӣ ба роҳ монда шудааст, китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ, рисолаю мақолаҳои илмӣ таҳия ва нашр шудаанд, ба таҳқиқу тадриси фанни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ устодони дорои дараҷа ва унвони илмӣ дошта машғул мебошанд, ки шодравон Менглиев Ш дар омӯзиши фан, таҳия ва таҳрири воситаи таълимию китобҳои дарсӣ ва тайёр кардани кадрҳои омӯзгори нақши беназир дошт.

Осори устод ба мавзӯъҳои гуногуни илми ҳуқуқшиносӣ – ҳуқуқи гражданӣ, ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ҳуқуқи инсон, ҳуқуқи конститутсионӣ, ҳуқуқи байналмилалии обӣ, арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ ва ғайра бахшида шудаанд. Устод дар илми ҳуқуқшиносӣ бо ақидаҳои нави илмӣ ворид шудааст, чунончи дар илми ҳуқуқи гражданӣ категорияи «муносибати барқароркунии ҳуқуқ»-ро пешниҳод кард, ки ҳамчун ҷузъи муносибати ҳифзи ҳуқуқӣ, баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои субъективии поймолгашта равона карда шудааст, баъдан яке аз нахустинҳо дар илми ҳуқуқи ватанӣ асоснок кард, ки истиқлолияти давлатӣ заминаи асосии ташаккули ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, гарчи ташаккули онро бо замони шӯравӣ пайваст кард,таърих ва омилҳои ташаккулёбии ҳуқуқи байналмилалии хусусиро дар Тоҷикистон яке аз нахустинҳо таҳқиқ кардааст, мафҳуми «санади ҳуқуқи байналмилалӣ»-ро ба мазмуни васеъ дар илми ҳуқуқшиносии ватанӣ пешниҳод намуд, ки чунин тарзи баррасии масъала дар илми ҳуқуқи байналмилалӣ қабул аст.

Устод предмети ҳуқуқи байналмилалии хусусиро бо мазмуни васеъ, яъне танзимгари муносибатҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ, оилавӣ-ҳуқуқӣ, меҳнатӣ-ҳуқуқӣ ва мурофиаи гражданӣ-ҳуқуқӣ бо унсури хориҷӣ ҷонибдор аст, гарчи ҳуқуқи байналмилалии мурофиаи гражданиро дар зерсоҳаи ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, балки падидаи ҳуқуқи мурофиаи гражданӣ қабул дорад, аз ҳайати сарчашмаҳои ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ иродаи мухториятро истисно кардааст, ҳуқуқи байналмилалии хусусиро соҳаи мустақили ҳуқуқи кишвар пазируфтааст ва дар асоси равияи «сивилистика»-и ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ тадқиқотҳояшро анҷом додааст, се усул(метод)-и ҳуқуқи байналмилали хусусӣ - коллизионӣ, моддӣ ва унификатсиониро ҷонибдорӣ кардааст, ки ифодагари мазмуни ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ фарогири натанҳо меъёрҳои коллизионӣ-ҳуқуқӣ, балки моддӣ-ҳуқуқӣ ва унификатсионӣ ҳуқуқӣ мебошад.

Устод бо хатми факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ба номи В.И. Ленин соли 1970 ҳаёташро пурра ба таълиму тарбияи донишҷӯён, тарбияи кадрҳои илмӣ дар донишгоҳ бахшид ва фаъолияти устод дар ин даргоҳи муқаддас чунин аст - ассистент(солҳои 1970-1974), муаллими калон(солҳои 1974-1977), дотсент (солҳои 1977-1992), профессор(солҳои 1992-1994)-и кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон, мудири кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ(солҳои 1994-2012) ва профессори кафедраи ҳуқуқи байналмилалии ДМТ(солҳои 2012-2015) .

Устод беш аз 74 соли умри бобаракати хешро пурра ба таълиму тарбияи



шогирдон бахшидааст ва муаллифи беш аз 200 маводҳои илмӣ, китобҳои дарсию воситаҳои таълимӣ-методӣ, рисолаҳо ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, аз ҷумла «Восстановительные правоотношения в советском гражданском праве. - Душанбе, 1986. - 117 с.», «Защита имущественных прав граждан. - Душанбе: Ирфон, 1989. - 156 с.», «Возмещение морального вреда. - Душанбе, 1998. - 132 с.», «Римское частное право. - Душанбе, 2000. - 118 с.» (ҳаммуаллиф), «Ҳуқуқи хусусии римӣ. (Фишурдаи лексияҳо) - Душанбе, 2000, 2004 - 150 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Международное частное право. - Душанбе: Деваштич, 2002. - 327 с», «Танзими ҳуқуқии фаъолияти судҳои ҳакамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2004. - 120 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқ. - Душанбе, 2004, 2009 - 620 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Законодательство Республики Таджикистан и ЕС о компаниях: сравнительный анализ. - Душанбе, 2006. - 440 с.» (ҳаммуаллиф), «Право беженцев: Учеб. пособие. - Душанбе, 2006. - 241 с.» (ҳаммуалиф), «Ҳуқуқи инсон: Китоби дарси барои синфи 10. - Душанбе: 2007. - 320 саҳ. (ҳаммуаллиф), «Ҳуқуқи инсон: Китоби дарси барои синфи 11. - Душанбе, 2009. - 320 саҳ. бо забони давлатӣ ва русӣ» (ҳаммуаллиф), «Арбитражи байналмиллалии тиҷоратӣ: ташаккул ва проблемаҳои танзими ҳуқуқӣ - Душанбе, 2007. - 157 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Объекты гражданских прав - Алматы, 2008. - 600 с. (ҳаммуаллиф), «Арбитражное рассмотрение внешнеэкономических споров. - Душанбе: 2009. - 411 с.», «Тафсири илмию оммавии Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон - Душанбе, 2010. - 520 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Избранные труды по гражданскому праву. Душанбе, 2011,- 696 с.», «Международное водное права. -Душанбе, 2011. -374 с.» (ҳаммуаллиф), «Ҳуқуқи герузаҳо. - Душанбе, 2012. -300 саҳ. бо забони давлатӣ ва русӣ» (ҳаммуаллиф), «Фарҳанги ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ. - Душанбе, 2013, 238 саҳ.» (ҳаммуаллиф), «Международное частное право: Учебник, Душанбе, 2013. -738 с.», «Лекция по международному частному праву. - Душанбе, 2015. - 512 с.» ва ғайра.

Устод Менглиев Ш. на танҳо тарбиятгари чанд насли донишҷӯёни ҳуқуқшинос, балки дар тайёр кардани кадрҳои илмиву омӯзгорӣ дар кишвар ва берун аз он саҳми беназир дорад, аз ҷумла таҳти роҳбарии ӯ Х.Т.Носиров, Т.И. Султонова, И.Х. Бобоҷонов, А.В. Золотухин, Р.Б. Бозоров (шод равон), Г.Н. Ғоибова, Н.А. Солибоева, У.Х. Бобозода, М.Н. Раҷабзода, Ф.С. Сулаймонов, Х.Р. Қодиркулов, А.М. Абдухоликзода, Ф.Аминова, З. Исроилова ва А.М.Мирзоев рисолаҳои номзадию докторӣ ҳимоя намудаанд ва пайваста ба ҳайси муқарриз ба рисолаҳои номзадию доктории олимони кишварҳои Қазоқистон, Ӯзбекистон ва Қирғизистон баромад мекарду маслиҳатҳои муфиду кумакро дареғ намедошт.

Устод Ш.Менглиев дар барқарор кардани робитаи илмӣ бо марказҳои бонуфузи илмӣ ва мактабҳои илмии кишварҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Руссия дар замони Истиқлолияти давлатӣ нақши назаррас дошт ва дар конференсияҳои сатҳи байналмилалии кишварҳои Албания, Руссия, Гурҷистон, Олмон, Туркия, Белоруссия, Украина, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва дигар кишварҳои хориҷи наздик ва дур бо маърӯзаҳо гузориш додааст ва бо ташаббус ва ибтикори профессор Ш. Менглиев дар пояи кафедраи ҳуқуқи байналмилалии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ «Масоили рӯзмараи ҳимояи ҳуқуқи инсон» (28 ноябри соли 2006) баргузор шуд, ки дар он муҳаққиқони ватанӣ дар сатҳи баланди илмӣ ва фазои илмии кишвар аз ҳуқуқи инсон бо дарки муосир баҳс кардаанд , ки ин иқдом дар факултет дар радифи таъсиси кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавӣ ба фаҳмиши дуҳурагии ҳуқуқи инсон дар зеҳни олимони вақт таъсиргузор буд (ниг.:Маҷалаи «Давлат ва ҳуқуқ»№1,2007.-С.3-53).

Хизматҳои шоёни профессор Шомурат Менглиев бо унвони ифтихории «Ҳуқуқшиноси шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон» (соли 1998), «Арбоби илм ва техникаи Тоҷикистон» (соли 2008), ҷоизаи «Устоди беназири Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон» (соли 2004) қадршиносӣ шудааст.

Устод инсони хушбахт буд, зеро саодати инсон дар обод кардани гушаи диёру тарбияи инсон ва фарзандони хуб дар зиндагӣ аст. Устод дар ободу муаррифии кафедраи ҳуқуқи байналмилалӣ ва тарбияи устодони он заҳмати зиёд кашид, ки имрӯз шогирдон тавонистанд рисолати омӯзгорию роҳбариро ба уҳда бигиранд.

Устод кӯтоҳии умр ва вақтро пайваста таъкид мекард, кӣ инсон дар ин муддат рисолати хешро бояд иҷро кунад, ки дар меҳвари он ободкардани диёр, расонидани кумак ба дигарон, шинохти хеш, некиву некӯкорӣ кардан қарор дорад ва моҳияту рисолати инсон дар дунё ҳамин аст, вагарна ба қавли Носири Хусрав:

**Рӯйи олам аз ҳузури мост хуб,**
**В-арна сарду зарду зишту лоғар аст.**

Устод Шомурат Менглиев соли 2015 ба дунёи охират пайваст, вале аз худ хотиру номи нек ва осори безавол боқӣ гузошт, ки имрӯз ҳар як шогирдаш бо устод Ш.Менглиев ифтихор ва фахр менамоянд, ки аз мактабу тарбия ва суҳбати вай дар зиндагӣ баҳраманд буданд. Гарчи имрӯз ҷойи устод миёни шогирдону дӯстон ва пайвандон холист, аммо корҳои шоён ва номи неки Устод дар илми ҳуқуқи кишвар ҷовид ва абад аст.

Чанде баъд бо зодрӯзи устод Шомурат Менглиев 80 сол пур мешавад.

Мо дуоғӯи онем, ки равонаш шод ва хонаи охираташ обод бошад.

**Ёдат ба хайр, Устоди зиндаёд!**

**РАҶАБЗОДА М.Н.**
**Ректори Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент**

# ДАСТГИРИИ ЗАНОН – СИЁСАТИ ДОИМИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ



Шукрона РАҲМОНОВА
донишҷӯи соли 2

Зан-модар гавҳари ноёб, ҷисми латиф ва нозук аст. Донистани қадру қиммати ин шахсияти бузург, қарзи ҳар як фарди баору номус аст. Зани бочасорати тоҷик дар тӯли таърих баробари тарбияи фарзанд ва ҳифзи чароғи хонадон ба хотири ҳимояи шарафу номуси кишвар ва миллат дар паҳлӯи мардон бар зидди душманон далерона мубориза бурдааст. Аммо, агар ба таърихи гузаштаи халқиятҳои башар нигарем, маълум мегардад, ки на дар ҳама давру замон иззату эҳтироми зан ба дараҷаи аъло пазируфта мешуд. Аммо, ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, занҳо он ҳама азобу уқубатҳо ва машаққатҳои зиёдро паси сар намуда, насли хешро то имрӯз ба дунё овардаву таълиму тарбият менамоянд.

Хушбахтона, бо талошу кӯшишҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пеши ин гумроҳиҳо гирифта шудааст. Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Тоҷикистон нуфузу мақоми зан дар ҷомеа баланд гардида, махсусан дар партави сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таваҷҷуҳ ба фаъолияти ҷамъиятию соҳавии бонувон зиёд шуд.

Қабул гардидани Фармони Президенти ҶТ аз 3 декабри соли 1999 “Дар бораи тадбирҳои баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа” ба қатори он санадҳои муҳимтарине дохил мешавад, ки дар таърихи соҳибистиқлоли мо мавқеи махсуси худро дорад.

Имрӯз дар кишварамон дар дилхоҳ бахшҳо занону бонувони фаъол, фаъолият намуда истодаанд. Ҳатто дар соҳаҳое, ки мардон кор мекарданд, имрӯз занон роҳ ёфтаву сарбаландона кор мекунанд.

Чуноне, ки дар ироаи паёми худ Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии ҶТ, ки санаи 26-уми декабри соли 2019 баргузор гардид, иброз доштанд, ки “занону духтарон дар ҷомеаи имрӯзаи мо нақши фаъол дошта, дар аксари соҳаҳо бахусус, дар бахшҳои иҷтимоӣ бештар кору фаъолият менамоянд. Ҳоло шумораи занон дар соҳаҳои маориф беш аз 70% , тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 67% , фарҳанг 51% ва дар сафи хизматчиёни давлатӣ 23,3%-ро ташкил дода, саҳми онҳо дар соҳаи кишоварзӣ низ бисёр арзишманд мебошад”.

Яке аз хизматҳои арзишманд ва мондагори сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои занон таъсис додани квотаҳои президентӣ буд, ки ҷалби теъдоди зиёди духтарон аз деҳаҳои дурдаст ба муассисаҳои таълимӣ гардид. То соли хониши 2019-2020 зиёда аз 11000 духтарон аз ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон бо истифода аз ин имтиёз ба мактабҳои олӣ дохил шуда, беш аз 10000 нафари онҳо соҳиби маълумоти олӣ ва касбу ҳунар гардида, алҳол дар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ фаъолият доранд.

Дар ҳақиқат, имрӯз ҳазорон занон дар тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ – саноату кишоварзӣ, маорифу фарҳанг, тиббу илм ва соҳибкорӣ сарбаландона меҳнат мекунанд.

Бонувони тоҷик иқдоми Пешвои миллат “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ”-ро дастгирӣ карда, бо эҳёи касбу ҳунарҳои қадима дар тамоми қаламрави мамлакат марказҳои ҳунармандӣ созмон медиҳанд ва ҳоло ба шарофати ташаббусҳои онҳо ҳазорҳо нафар занону духтарони дигар ба омӯши касбу ҳунар ҷалб шуда истодаанд.

Дар баробари ин, мо бонувонро зарур аст, ки ба қадри заҳматҳои Пешвои азизи худ бирасем ва саҳми арзандаи худро дар пешрафти иқтисодиву иҷтимоии кишвари азизамон гузорем.



**Шартномаи агентӣ – созишномаест, ки як тараф (агент) ӯҳдадор мешавад, бар ивази мукофот барои амалӣ намудани ваколати аз тарафи шахси дигар (принсипиал) дода шуда, фаъолияти ҳуқуқӣ ва дигар фаъолиятро аз номи худ, вале ба манфиати принсипиал ё аз номи принсипиал ва ба манфиати принсипиалро анҷом диҳад.**

# ШАРТНОМАИ АГЕНТӢ



Нодира ҚОСИМОВА
донишҷӯи соли 2

Ин намуди шартнома дар ҳуқуқи англосаксонӣ бештар паҳн шудааст ва аввалин маротиба низ дар охирҳои асри XIX дар давлатҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ба вуҷуд омадааст. Ин намуди шартнома ба сохтори шартномаи фармоиш ва комиссия монандӣ дорад. Метавон гуфт, ки ҳар ду ин намуди шартнома дар якҷоягӣ шартномаи агентиро ташкил медиҳанд. Новобаста аз монандӣ доштан ба ин намуди шартномаҳо, шартномаи агентӣ созиши мустақил аст ва ба гурӯҳи шартномаҳои комплексӣ дохил намешаванд.

Шартномаи агентӣ метавонад ба муҳлати муайян ё ба муҳлати номуайян баста шавад. Ба сифати предмети шартномаи агентӣ фаъолияти юридикӣ ва дигар фаъолиятҳое, ки аз тарафи агент амалӣ карда мешавад, баромад мекунад. Дар фарқият аз шартномаи комиссионӣ ва фармоиш, шартномаи агентӣ амалӣ гаштани ҳам аҳд ва ҳам фаъолияти воқеиро дар бар мегирад (ҷамъ кардани маълумот, омода кардан ва гузаронидани музокиротҳо ва ғ.).

Мисол, агент метавонад аҳдҳоро оид ба фурӯши молу мулки принсипиал анҷом диҳад, ҳамчунин, амалҳои воқеиро, ки ҳангоми фурӯши молу мулк ба вуҷуд меоянд, анҷом диҳад. Ин мумкин аст, фаъолияти рекламавӣ, фаъолияти хусусияти ташкилӣ дошта, таҳқиқотҳои маркетингӣ ва ғайра бошад.

Асосан ин намуди шартнома бештар дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода мешавад.



Шартномаи мазкурро вобаста ба хусусияти ҳуқуқ ва ӯҳдадории тарафҳо ба ду намуд ҷудо мекунанд:

– агар агент амалеро аз номи худ ва ба манфиати принсипиал анҷом диҳад, дар ин ҳолат шартномаи агентӣ дар асоси принсипи шартномаи комиссионӣ тартиб дода шуда эътироф мешавад;

– агар агент амалеро аз ном ва ба манфиати принсипиал анҷом диҳад, ин намуди шартномаи агентӣ дар асоси принсипи шартномаи фармоиш тартиб дода шуда эътироф мешавад.

Барои анҷом додани фаъолияте, ки аз ҷониби принсипиал бар зиммаи агент гузошта шудааст, принсипиал ӯҳдадор мешавад, ки тамоми хароҷоте, ки дар раванди аз ҷониби агент истифода карда шудааст, бо баробари пардохти ҳаққи хизматрасонӣ ин хароҷотҳоро низ пардохт намояд.



Абдулло АВЕЗИОН
студент 2-го курса

# ВСЕМИРНЫЙ ДЕНЬ КНИГИ И АВТОРСКОГО ПРАВА

Каждый год 23 апреля во всём мире отмечают день «Всемирной книги и авторского права». Почему отмечают именно в этот день? Как появилось авторское право? 23 апреля — символическая дата для мировой литературы — стала поводом для учреждения Всемирного дня книги и авторского права (World Bookand Copyright Day).

В этот день в 1616 году ушли из жизни М.Сервантес, У.Шекспир и Инка Гарсиласо де ла Вега. Это также день рождения или смерти таких известных авторов, как Морис Дрюон, Хальдоур Лакснесс, Дж.Пла и Мануэль Мехиа Вальехо. В 1995 году в Париже на Генеральном конференции Юнеско все учёные и знаменитые люди дали свое согласие на празднование 23 апреля как «Всемирный день книги и авторского права».

Тогда и был учрежден Всемирный день книги и авторского права и Премия ЮНЕСКО за пропаганду идеалов терпимости в детской и юношеской литературе. Решение было принято с целью просвещения, развития осознания культурных традиций, а также с учётом того, что книги являются наибольшим средством распространения знания, самым надёжным способом его сохранения.



Отмечая Всемирный День книги и авторского права, мы все должны особое внимание уделить важной роли книги в сохранении и приумножении культуры каждого государства. Ведь книга — это лучший помощник в наших общих усилиях по защите и обогащению культурного наследия человечества.

Поэтому ежегодно число различных инициатив и мероприятий, приуроченных к этому Дню растет, расширяется их география проведения. Среди самых популярных во многих странах мира традиционно — это книжные ярмарки и выставки, публичные чтения произведений мировых классиков литературы и различные культурно-развлекательные мероприятия.

Авторское право — одна из форм интеллектуальной собственности. Оно отличается от товарных знаков, которые защищают названия брендов, их девизы, логотипы и другие характерные символы от использования третьими лицами в определенных целях. Авторское право также не следует путать с патентным правом, цель которого – защита изобретений.

**Муоинаи шахс тибқи моддаи 414 Кодекси гумрукии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин шакли истисноии назорати гумрукӣ мебошад.**

# МАФҲУМ ВА НАМУДҲОИ МАНЗИЛИ ИСТИҚОМАТӢ

Дар адабиёти ҳуқуқӣ оид ба мафҳумҳои “манзил”, “манзили истиқоматӣ” ва мазмуни онҳо байни олимон мавқеи ягона вуҷуд надорад.

Манзил ин биноест, ки ба фонди манзил дохил карда нашудааст, аммо ҳадди аққал барои иқомати муваққатӣ мувофиқ аст. Манзили истиқоматӣ, мутаносибан чунин бинои ҷудошудаест, ки молу мулки ғайри манқул аст ва барои истиқомати доимии шаҳрвандон мувофиқ аст, яъне ба қоидаҳо ва меъёрҳои муқарраргардидаи санитарию техникӣ ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин, мафҳуми “манзил” назар ба мафҳуми «манзили истиқоматӣ» васеътар аст.

Истилоҳи “манзили истиқоматӣ” аксар вақт ба маънои васеъ тафсир карда мешавад. Чунончи, баъзе олимон манзили истиқоматиро чун маҷмӯи тамоми биноҳои истиқоматӣ, новобаста аз шакли моликият эътироф менамоянд ва ба он биноҳои истиқоматӣ, аз ҷумла биноҳои бисёрҳуҷрагӣ; бустонсаро (котеҷҳои тобистона), ки барои иқомати доимӣ мувофиқанд ва бо тартиби муқарраршуда ба қайд гирифта шудаанд; квартираҳои алоҳида; дигар биноҳои истиқоматӣ (масалан, ҳуҷраҳои ҷудогонаи ҷудошуда, хонаҳои махсусгардонидашуда, хобгоҳҳо, хонаҳои махсус барои пиронсолон, манзилҳои хизматӣ ва дигар манзилҳои истиқоматӣ дар биноҳои барои зиндагӣ мувофиқро дохил менамоянд.

Ба маънои маҳдуд мафҳуми “манзили истиқоматӣ” биноҳои истиқоматӣ, як қисми хона, квартира, як қисми квартира бо дастрасӣ ба ҷойҳои дастрасии умумӣ, мутаносибан хонаҳо ё манзилҳоро дар бар мегирад.

Мафҳуми манзили истиқоматӣ дар қонунгузорӣ ба якчанд маъно фаҳмида мешаванд:

1) дар бар гирифтани ҳамаи намудҳои манзили истиқоматӣ (квартира, бинои истиқоматӣ ва ғ.), ки метавонанд ба сифати объекти шартномаҳои гуногун баромад кунанд;

2) ҳамчун қисми биноҳои истиқоматӣ, масалан манзили истиқоматӣ (квартира, ҳуҷра дар бинои бисёрхонагӣ);

3) ҳамчун категорияи бақайдгирӣ дар баробари бинои истиқоматӣ.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ба сифати манзили истиқоматӣ танҳо биноҳои истиқоматии ҷудогона, ки метавонанд барои истиқомати доимӣ мувофиқ бошанд (ҳавлӣ ё қисми ҳавлӣ, квартира ё қисми квартира, ҳуҷра), баромад карда метавонанд. Мутаносибан, утоқҳои ёрирасон манзилҳои истиқоматӣ нестанд.

Ҳавлӣ – бинои инфиродӣ мебошад, ки аз ҳуҷраҳо, инчунин биноҳои истифодаи ёрирасон иборат буда, барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти маишии шаҳрвандон ва дигар эҳтиёҷоти марбут ба истиқомати онҳо дар чунин бино пешбинӣ шудааст.

Квартира – хонаи аз ҷиҳати сохторӣ ҷудошуда дар бинои бисёрҳуҷрагӣ, ки дастрасии мустақимро ба хонаҳои чунин бино таъмин мекунад ва аз як ё якчанд ҳуҷра иборат аст, инчунин биноҳои истифодаи ёрирасон, ки барои қонеъ кардани эҳтиёҷоти шаҳрвандон ва дигар эҳтиёҷоти марбут ба истиқомати онҳо дар чунин биноҳо пешбинӣ шудааст.

Ҳуҷра – як қисми ҳавлии истиқоматӣ ё квартира мебошад, ки барои истифода ба сифати ҷои истиқомати бевоситаи шаҳрвандон дар ҳавлии истиқоматӣ ё квартира пешбинӣ шудааст.



Оятулло ЮСУПОВ
донишҷӯи соли 3

Дар натиҷаи омӯзиш ва таҳлили маводҳо метавон хулоса кард, ки манзили истиқоматӣ объекти ҳуқуқи гражданӣ мебошад, ки бо Кодекси граждании ҶТ ва Кодекси манзили ҶТ танзим карда мешавад. Манзили истиқоматӣ чунин хонаи ҷудошудаест, ки амволи ғайриманқул буда, барои истиқомати доимии шаҳрвандон мувофиқ аст ва ба қоида ва меъёрҳои муқарраргардидаи санитарию техникӣ ҷавобгӯ буда, дорои аломатҳои хоси худ мебошад.

# БАРХӮРДИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ



Муслиҳиддин ДАВЛАТОВ
донишҷӯи соли 2

Дар адабиёти ҳуқуқӣ истилоҳи “коллизия” барои ифодаи ихтилофоти ҳуқуқӣ истифода мешавад. Худи калимаи “коллизия” аз лотинии “collision” гирифта шуда, маънояш бархӯрди қувваҳои ба ҳам зид ё манфиатҳо мебошад. Дар баробари коллизия меъёрҳои бартарафсозандаи ин ихтилофот мавҷуданд, ки онҳоро меъёрҳои коллизионӣ мегӯянд. Ихтилофоти ҳуқуқӣ ин номувофиқатии байни меъёрҳои ҳуқуқ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои танзимкунандаи ҳамон як муносибатҳои ҷамъиятӣ ё муносибатҳои наздик, инчунин баҳс оид ба салоҳияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошад.

**Омилҳои ба вуҷуд омади ихтилофоти ҳуқуқиро ба субъективӣ ва обеъктивӣ ҷудо намудан қобили қабул аст.**

Ба гурӯҳи якум инҳо дохил мешаванд: нуқсонҳо дар қонунгузорӣ; сифати нокифояи қонун; риоя нашудани техникаи ҳуқуқӣ; шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба як муносибати ҷамъиятӣ; сатҳи нокифояи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, омодагии касбии ҳуқуқшиносӣ; нигилизми ҳуқуқӣ ва ғайра.

Ба омилҳои объективӣ инҳо дохил мешаванд: инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ; тағйир ёфтани муносибатҳои ҷамъиятӣ; дигаргунихои куллии ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангии ҷомеа; суръати баланди инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ нисбат ба ислоҳоти ҳуқуқӣ ва ғайра.

Ихтилофоти ҳуқуқӣ намудҳои гуногунро доро мебошанд, аз ҷумла, ихтилофоти ҳуқуқӣ дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, байни қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ, байни мақомоти давлатӣ доир ба салоҳияти онҳо ва ғайра.

Роҳҳои бартараф намудани ихтилофоти ҳуқуқӣ инҳо мебошанд: қабули санади нави меъёрии ҳуқуқӣ; бекор кадани санади меъёрии амалкунанда ё куҳна; ворид намудани тағйирот ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё дақиқ намудани он; тафсири ҳуқуқӣ; мураттабсозии қонунгузорӣ; бо ҳам мувофиқ гардонидани санадҳои қонунгузорӣ; адолати судии конститутсионӣ; амалияи судӣ ва маъмурӣ; ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мутобиқ намудани қонунгузории дохилидавлатӣ.

Қонуни ҶТ “дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ” боби алоҳидаро дар мавзӯи тартиби ҳалли ихтилофоти ҳуқуқӣ ва роҳҳои бартараф намудани онҳо тахким бахшидааст.

**Дар қонуни мазкур тартиби бартараф намудани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба тариқи зайл муайян шудааст:**

**1) ихтилофи байни санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии қувваи ҳуқуқии гуногундошта, вобаста ба тартиби санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар моддаи 9 қонуни мазкур пешбинӣ шудааст, ҳал карда мешавад.**

**2) санадҳои меъёрии ҳуқуқии баробарқувва нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқии ҳамин дараҷа ҳангоми мавҷуд будани ихтилофҳо дар ҳолатҳои зерин қувваи баланди ҳуқуқӣ доранд:**

**а) ин санади меъёрии ҳуқуқӣ аз руйи ҳамон як мавзӯи танзим нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ баъдтар қабул шуда бошад;**

**б) мавзӯи танзими ин санади меъёри ҳуқуқӣ нисбат ба дигар санади меъёрии ҳуқуқие, ки умумӣ мебошад, махсус бошад.**

**3) дар сурати ба меъёрҳои қонунҳо ихтилоф доштани санадҳои зерқонунӣ, меъёрҳои қонунҳо амал мекунанд.**

# ҶАЛБИ НОБОЛИҒ БА ОВОРАГАРДӢ ВА ГАДОӢ ҶИНОЯТ АСТ!

## (баъзе андешаҳо оид ба ноболиғони лӯлӣ)

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон миллату халқиятҳои зиёд зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи маълумотҳои омории соли 2010 дар ҳудуди ҶТ зиёда аз 52 қавму миллатҳо зиндагӣ мекунад, ки аз он 0.03% аҳолиро “лӯлиён” ташкил медиҳанд, ки таърихи гузаштаи худро доранд.

Саршавии таърихи гузаштаи ин қавм аз Ҳиндустони қадим оғоз меёбад, ва тибқи маълумотҳои таърихӣ дар Ҳиндустон қариб панҷ аср умр ба сар бурда ҳукмронӣ кардаанд. Баъди пош хӯрдани давлат ва ба сари қудрат омадани шоҳ - Акбаршоҳ ва дар зери зулму ситами ин ӯ қарор гирифтан сабаб мешавад, ки онҳо ба ҳар тарафи дунё кӯч банданд.

Онҳоро дар кишварҳои дунё номҳои гуногун доранд. Махсусан, онҳо дар мамлакатҳои Осиёи Марказӣ бо номи “лӯлӣ” ё “ҷугӣ” машҳуранд. Дар Федератсияи Русия ин қавмро бо номи Сиган (Цыган) мешиносанд.

Лӯлиҳо талбандагиро ҳамчун касб интихоб карда, онро аз насл ба насл ҳамчун одат мегузаронанд. Ба ақидаи баъзеи онҳо “талбандагӣ ганҷ асту баракат надорад”, аммо аз сабаби аз насл ба насл омадани ин одат ва касбӣ шумуридани он, ин амалро иҷро мекунанд.



Неъматулло АМОНЗОДА
донишҷӯи соли 3

Мушкилоти мубрам будани баъзе аз одатҳои онҳо, ин ба қонунгузории ҶТ мувофиқат накардани амалу кирдорҳо ва одатҳои меросиашон мебошад. Масалан, ҷалби ноболиғ ва занон ба корҳои шароиташон вазнин, тарбияи нодурусти фарзанд, таълимоти лозима надодании фарзанд, ҷалби ноболиғон ба оворагардиву гадоӣ.

Агар нисбат ба ин мушкилӣ чора андешида нашавад, дар оянда бо зиёд шудани аҳолӣ, ки фисади муайяни онро лӯлиён ташкил медиҳанд, сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳорӣ зиёд мешавад ва боиси даст задани онҳо ба майдаавбошӣ, дуздӣ, талбандагӣ, қаллобӣ ва дигар амалҳое, ки қонунгузорӣ манъ кардааст, мегардад.

**Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.**

# ОДОБИ РАСМӢ ВА КОРӢ

## (Чакидаҳо аз китоби шодравон доктори илмҳои таърих, профессор Шарофиддин Имом)

Ахлоқ, одоб ва ҳусни рафтор дар тамоми даврони зиндагии бошууронаи инсон меъёри возеҳтарини сирати иҷтимоӣ ва маънавии ӯ шинохта шудаанд. Табиист, ки бо ташаккули тадриҷии инсон ин падидаҳо густариш пайдо кард ва мазмуни дохилии онҳо тағйири нисбӣ ёфт. Вале мақоми волои онҳо амалан бетағйир монд. Бо ташаккул ва таҳаввули равобити минтақавӣ ва байналмилалӣ батадриҷ маҷмӯи хосси меъёрҳо, арзишҳо, қоидаҳо ва талабот шакл гирифт, ки маҳсули таҷрибаи бойи халқҳо ва минтақаҳои гуногун аст ва аз ҷониби аксари кишварҳо ва халқҳо амалан пазируфта шудааст. Онро метавон шартан одоби муштарак ва умумии расмӣ ва корӣ номид!

Одоби расмӣ ва корӣ дорои рукнҳо ва ҷанбаҳои зиёд мебошад, ки аксари мутлақи онҳо натиҷаи таҷрибаи тӯлонӣ ва бузурги башарият мебошанд, зиндагии инсонро ғанои маънавӣ ва фарҳангӣ бахшидаанд, завқу идроки солимро тарбия намуданд, симои зебо ва ҷазоби инсонро оростанд.

Нахуст бояд қайд кард, ки сирати инсон дорои ду меъёри бунёдӣ мебошад. Муҳимтарини онҳо ҳусни пиндор аст. Маҳз тамаддуни пурбори ориёӣ асли бузурги «пиндори нек, гуфтори нек, кирдори нек»-ро чун қутбнамои зиндагии амалии инсон эҷод ва пешниҳод кард. Нисбати инсон бояд нек андешид, зеро пиндори бад ба зудӣ ошкор хоҳад шуд.

Асли некӣ ва накӯкорӣ – асли зарурии зиндагии иҷтимоии инсон эътироф шудааст. Хусусан дар мавриди меҳмони хориҷӣ ботинан некхоҳ бояд буд, ин пиндор хилофи зиракӣ, ҳушмандӣ ва ҳатто худмеҳварии мантиқии миллӣ нест, балки бояд дар назар дошт, ки татбиқи ҳадафҳои бузурги миллии мо ба тарбия ва ташвиқи чунин пиндор ва қабули мардуми мо ҳамчун ҳилқи некситишту некзамир, некхоҳу накӯкор дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон имконпазир аст.

Ҳусни пиндор пайванди табиӣ ва ногусаста бо ҳусни рафтор дорад, ки нишондиҳандаи дигари муҳимтарини сирати инсон аст. Он инъикоси возеҳтар ва равшантари амали сиратӣ ва огоҳонаи инсон ва ё ба ибораи дигар материализатсияи ҳусни сирати инсон аст. Одоби расмӣ ва корӣ ҳамчун синтези табиӣ ва маъқули ҳусни пиндор ва ҳусни рафтор фарогири рукнҳо ва сифатҳои зарурист, ки мазмуни фишурдаи онҳо пешниҳод мегардад.

### 1.СИДҚ

Сидқ (ростӣ, росткорӣ, садоқат) аз сифатҳои бунёдии сирати инсон ва одоби расмӣ ва корӣ аст. Сидқ садоқати комил ва қалбӣ ба Ватан, ормонҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ибо варзидан аз фиреб ва амали кизб, дурӯғ. Фиреб, гумроҳсозӣ нисбати Ватан ва мардум мебошанд.

### 2. АҲД

Аҳд (вафо, пойбанди ваъда, сухан) – рукни муҳимми сирати инсон, бахусус, фарди масъул ва огоҳ аст. Қобили зикр аст, ки аз сорогози зиндагии тамаддуни инсон аҳд падидаи воло ва тақрибан муқаддас шинохта мешу два аҳдшиканӣ гуноҳи азим маҳсуб мегардид. Муддати тӯлонӣ паймону аҳдномаҳо ба аҳди шифоҳӣ (даҳонӣ ва суханӣ) ва фардӣ мақбул буданд ва дар санадҳои хос сабт намешуданд.

Ҳусни аҳд – иҷрои комил, бамавқеъ ва замонии амалест, ки виҷдонан ё расман пазируфта шудааст. Он амри зарурӣ дар идораи давлатӣ аст.

### 3. ФАРОСАТ

Фаросат шарти аъзам ва ҳатто куллии сирати инсон ва падидаҳои ба он тавъам ва пайванд – хирад, тааммул, басират, дид, зиракӣ, ҳушмандӣ, мавқеъшиносӣ, роздорӣ ва ғ. таркибу мазмуни густурда ва рангини онро собит месозанд.

Фаросат дар асл падидаи зотӣ ва азалист, вале сатҳи матлуби он неъмати бузургест, ки насиби кам касон гардидааст. Маъмулан, он натиҷаи таҷрибаи бой ва бузурги зиндагӣ мебошад. Инсони соҳиби сифатҳои зарурӣ (хушзеҳн, фаъол, тезбин, пурталош, эҷодгар, аслҷӯ) талош меварзад, мазмуни равандҳои мураккаби зиндагиро амиқан дарк намояд. Тадриҷан қудрати шинохти тамоюлоти асосӣ ва ҷудо кардани чизи асоситаринро аз маҷмӯи бузурги ҳодисот, воқеот ва далелҳо (ҳолатҳои воқеӣ) пайдо мекунад. Ин қудрат рукни ниҳоят муҳимми фаросат аст.

Бахусус дар фаъолияти сиёсӣ ва дипломатӣ ин амр ниҳоят зарурӣ ва ҳатто ногузир аст. Масалан, дар таҳрезӣ ва татбиқи ҳар гуна иқдом дар сиёсати хориҷӣ бояд на фақат манфиатҳо ва зарурагҳои кишвари худро дақиқан шинохт ва пайгирӣ кард, балки манфиатҳо, ҳадафҳо ва имконоти амалии кишварҳо ва неруҳои дигарро низ амалан ва ҳамаҷониба омӯхта, мадди назар қарор дод.

Амалияи сиёсӣ ва дипломатӣ маҷмӯи сифатҳои дигари инсонӣ ва функсионалиро тақозо дорад, ки амалан ҷузви фаросат мебошанд, аз қабили тааммул (ба ибораи дигар борҳо дар мизони ақл ва хирад санҷидани сухан ва амале, ки ба манфиатҳои Ватан, кишвар ва тақдири одамон таъсир дорад.), роздорӣ (ҳифзи омутоми асрори давлатӣ, хидматӣ, афроди сиёсӣ ва давлатӣ), ҳунари ворид шудан ба суҳбат ва таъмини раванди матлуби он, қудрати дарёфти лаҳни муносиб (ки ҳақиқатро бо адаб ва фарҳанг омезиш диҳад) ва ғайра.

### 4. АДЛ

Адл (дод, адолат, адолатгустарӣ) – арзишмандтарин ва муҳимтарин сифати сиратии инсон аст. Он шарти аъзами сирати роҳбарон ва масъулони кишвар эътироф шудааст. Дар одоби маъмули расмӣ ва корӣ низ шарти муҳим мебошад. Он тақозо дорад, ки амали инсон (бахусус, роҳбар, маъмур, масъул) мизони возеҳ ва равшани яксон, вале одилона ва оқилона бошад.

### 5. ҶИДДУ ҶАҲД

Ҷидду ҷаҳд (ҳамчунин, азм, саъй, талош, кӯшиш, пайгирӣ, ғайрат) сифати муҳимми инсон ва рукни муҳимми одоби расмӣ ва корӣ аст. Маҳз он имкон медиҳад, инсон ҳастии шоистаи худро таъмин намояд, ташаккули ақлонӣ, маънавӣ ва сиратии худро дар самти матлуб равона созад, мақоми шоиста дар ҷомеа касб кунад.

Ҷидду ҷаҳд дар дастёбӣ ба ҳадафҳо ва манфиатҳои умумӣ ва муштарак амри ниҳоят зарурист, бахусус ҳадафҳои бузурги умумимиллӣ – таъмин ва таҳкими истиқлол, бунёди низоми мутамаддин ва муосири демократӣ, пешрафти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, сатҳи баланди иҷтимоии мардум, сатҳи матлуби фарҳангӣ-маънавӣ, касби мақом ва ҷойгоҳи шоистаи давлати миллӣ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ бидуни ҷидду ҷаҳди ҳаррӯзӣ, пайгир, созанда, ҳадафманд татбиқ нахоҳанд шуд.

### 6. ҲУСНИ ИҶРО

Ҳусни иҷро (ва ё иҷрои бечуну чаро, замонӣ, босифат, муаддабона) рукни муҳимтарин ва ҳатто бунёдии одоби расмӣ, давлатӣ ва корӣ мебошад. Шарти аввали он шинохти дақиқи вазифаҳои фукнсионалӣ ва чаҳорчӯбаи ҳуқуқӣ ва салоҳият мебошад. Иҷрои вазифаҳои даврӣ ва супоришоти муҳими роҳбари давлат ва мақомоти салоҳиятдор амали писандида ва қобили таҳсин аст, вале шарти муҳим ва ҳатмӣ иҷрои шоиста ва босифат мебошад. Ин амр барои ҳама арсаҳо ва шаклҳои фаъолият зарур аст. Масалан, дар мавриди таҳияи асноди гуногун (қарор, қонун, консепсия, барнома) бояд таъкид дошт, ки коркарди онҳо чӣ аз лиҳози мазмун, чӣ аз лиҳози сохтор, чӣ аз лиҳози банду баст, чӣ аз лиҳози сабки таҳия ва нигориши забонӣ, чӣ аз лиҳози шаклу типи нашр дар сатҳи талаботи баланд бошад.

### 7. ФУРӮТАНӢ

Фурӯтанӣ (хоксорӣ) сифати заруритарин ва арзишманди одоби расмӣ ва корӣ ва умуман одобу сирати инсонист. Ин нуктаро шахсиятҳои бузурги маънавӣ, адабӣ ва фарҳангӣ (қабл аз ҳама адибон ва фарҳангиёни кабир аз қабили Имоми Аъзам Абуҳанифа, Имом Ғаззолӣ, шайх Саъдӣ, Мавлоно Ҷомӣ ва дигарон) ва афроди барҷаста ва маъруфи сиёсӣ ва умури байналмилалӣ (бахусус, дипломатҳои бузург) таъкид доштанд.

Инсони фурӯтан (хоксор), маъмулан, соҳиби фазилатҳои зиёди ақлӣ, маънавӣ, ахлоқӣ ва дорои таҷрибаи бойи ҳаётист: бо он ҳам талош надорад худро оқилтар, бартар, бузургтар, ботаҷрибатар, беҳтар аз дигарон ҷилва диҳад. Ӯ имтиёз, шароити хосси корӣ ва манзилӣ тақозо намекунад, рафтори худро бо шароит ва имконоти созгории том медиҳад: дар фикри либосу анҷоми қиматдор нест ва дар маҷмӯъ ба қавли устод Рудакӣ «бар сари нафси худ амир» аст.

### 8. МЕҲРУБОНӢ

Меҳрубонӣ (ҳилм, марҳамат) сифати наҷиби инсонист. Он василаи муҳимтарин ва муассиртарини роҳ ёфтан ба қалби одамон мебошад. Меҳрубонӣ дар ҳама фарҳангҳо, динҳо ва кишварҳо сифати афзал шинохта шудааст. Дар дини муқаддаси ислом меҳрубонӣ аз маъруфтарин ва муътабартарин «исмҳои зебо» (ал-асмо, ал-ҳусна)-и Худованд аст. Ба қавли нависандаи кабири испанӣ Сервантес дар гетӣ «чизе чун меҳрубонӣ арзон нест ва ҳамзамон чунин манзалат ва арзиши бузург надорад».

Меҳрубонӣ боист ҷузви таркибӣ ва табиии сирати инсон бошад ва дар хона, кор, кӯча, нақлиёт, маҳал, шаҳр ва сатҳи кишвар таҷассум ёбад. Дар шароити хос (бахусус дар коллективҳо, муассисот) меҳрубонӣ метавонад ба дӯстӣ ва муҳаббати инсонӣ таҳаввул ёбад. Вале дар ҳар сурат меҳрубонӣ амри зарурист. Он бояд аз ҳусни сират маншаъ гирад; самимӣ ва некхоҳона бошад, зебо ва салим амалӣ шавад.

### 9. НАЗОКАТ

Инсон табиатан ва сиратан падидаи мураккаб ва мутазод аст. Амри ниҳоят зарурист, ки ҷаҳони мураккаби ботинии ӯ шинохта шавад. Фақат бо чунин шинохт метавон ба олами рангин ва мутазодди ботини ӯ ворид шуд. Ва фаҳмид, ки чӣ тақозои қалбу рӯҳи ӯст, ба ӯ шодиву сурур, фараҳу шодмонӣ, болидагии хотир илқо менамояд ва ҳамзамон чӣ боиси озору нороҳатӣ, озурдагии хоти рва табъ, ранҷиш, норозигӣ ва хашму ғазаби ӯ мегардад. Воқеан амали ниҳоят боназокатро тақозо дорад, ки шабеҳи амали заргар аст.

### 10. ЭҲТИРОМ

Эҳтиром асли бунёдии одоби расмӣ ва корӣ ва умуман зиндагии иҷтимоии инсон аст. Ҳайсият, эътибор ва мақоми шоиста аз хислатҳои асоситарини инсонанд, ки ба хотири ҳифзи онҳо қисман ба фидо кардани ҷони худ (ва дар баъзе маврид қурбон кардани одамони зиёд) қодир аст. Эҳтиром рамзи эътироф ва посдории он аст. Он бояд амри ҳамагонӣ ва умумӣ бошад: он ҳатто дар равобити дӯстони наздиктарин боист риоят шавад ва ошкор бошад. Табиист, ки асли эҳтиром дар арсаҳо ва соҳаҳои гуногун баъзе хусусиятҳои муҳимро доро мебошад.

Дар низоми сиёсӣ ва идораи давлат эҳтироми мутақобилаи тамоми кормандони низом амри зарурӣ аст. Ҳамзамон эҳтироми самимона ба роҳбари давлат ва кишвар, сарварони сохторҳои болоӣ (бо ҳифзи томи субординатсияи хидматӣ ва корӣ) шахсиятҳои барҷастаи миллӣ, олимон, адибон ва фарҳангиён, афроди бузургсол ва собиқадор, занон ва духтарон амри мусаллам ва ҳатмӣ мебошад.

Ин асл бояд бо фаъолияти бовиҷдонона, қалбу дасти пок, муташаккилӣ (созмонпазирӣ) интизоми қатъӣ, меҳнатдӯстӣ, ташаббускорӣ, серталабӣ ва бахусус масъулият ва ҳусни иҷро тавъам бошад.

### 11. МАСЪУЛИЯТ

Масъулият сифати бартар ва зебои одоб ва умуман сирати инсон аст. Маҳз масъулият (дар назди хонавода, коллектив, кишвар, Ватан) рамзи возеҳ ва барҷастаи ҷавҳари инсони озод, созанда, фаъол ва нишонгари мавқеи иҷтимоии ӯст.

Дар одоби расмӣ ва корӣ масъулият қабл аз ҳама дарки том ва татбиқи замонӣ, шоиста ва босифати вазифаҳои функсионалӣ, дастуру супоришоти Раҳбари Давлат ва мақомоти салоҳиятдор мебошад. Агар иҷрои онҳо вақти бештар ва саъйю кӯшиши зиёдтарро тақозо кунад, шахси масъул худро бо соату рӯзҳои корӣ маҳдуд намесозад ва баъди соати расмии корӣ ва дар рӯзҳои рухсатӣ ва таътилӣ содиқона пайи иҷрои он мегардад.

Масъулият дар муошират, гуфтор, ҳифзи асрори давлатӣ ва хидматӣ, истифодаи амвол ва таҷҳизот, масорифи хидматӣ ва умуман тамоми арсаҳои фаъолияти инсон боист таҷаллӣ ёбад.

Масъулият тақозо дорад, ки корманди давлатӣ ва сиёсӣ (бахусус масъули умури хориҷӣ ва байналмилалӣ) чаҳорчӯбаи вазифаҳо ва мазмуни аслии онҳоро дар сатҳи аъло донад, технологияи музокирот, мулоқот ва муошироти сиёсӣ ва дипломатиро фаро гирад, забонҳои зарурии хориҷӣ (қабл аз ҳама, русӣ ва англисӣ)-ро дар ҳадди матлуб фаро гирад, ба воситаҳои иттилоотии муосир,

**Дар асоси Созишномаи Женева соли 1926 меҳнати маҷбурӣ низ ҳамчун падидаи ғуломӣ манъ гардид.**

факс, телефакс, интернет дастрасӣ дошта бошад, сатҳи сиёсӣ ва тахассуси худро пайваста боло барад.

### 12. СУБОТ

Субот (устуворӣ, пойдорӣ, ҳадафмандӣ, қотеъият) бо масъулият пайванди ногусастани мантиқӣ ва амалӣ дорад. Субот амали возеҳ барои татбиқи ҳадафи муайян аст. Ва чун ҳадаф эълон шуд барои дастёбӣ ба он пайваста талош кард ва ҳар иқдоме, ки рӯйдаст гирифта шуд, боист шоиста анҷом дод. Дар баён агар нуктае расман гуфта шу два бахусус таъкид гардид, то ҳадди имкон хилофи он сухан набояд гуфт. Ин амр бахусус дар пешбурди сиёсати байналмилалӣ ва амалияи дипломатӣ ниҳоят муҳим ва зарур аст. Возеҳ аст, ки дастёбӣ ба манфиатҳои волои миллӣ ва давлатӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон бино бар омилҳои зиёд (барҳӯрди манфиатҳо, фаъолияти гурӯҳҳои гуногун ғараз ва ғ.) ниҳоят мушкил аст ва сифатҳои зиёди инсонӣ (чидду чаҳд, ҳадафмандӣ, пайригӣ, сахткӯшӣ, ғайрат, хушмандӣ) тақозо дорад, ки субот ва пойдорӣ дар сарҳати онҳо бошад.

### 13. САБР ВА САБУРӢ

Сабр ва сабурӣ аз сифатҳои ниҳоят зарурӣ ва боарзиши инсонӣ ва сиёсист. Ҳусайн Воизи Кошифӣ онро калиди кор ва мақсад қаламдод кардааст. Бахусус дар давраи буҳронӣ, гузариш аз як низом ба низоми дигар ва бунёди давлати навин сабр аз афзали фазилатҳост, зеро ин даврон дар зоти худ мушкилот ва сангиниҳои зиёд дорад ва ба афроди ҷомеа (бахусус роҳбарон ва масъулон) фишори рӯзафзун ворид менамояд.

Сабр ва сабурӣ (ҳамчунин, худдорӣ, бурдборӣ, тамкин), аз сифатҳои зарурии фаъолияти дипломатӣ ва байналмилалист. Маъмулан, татбиқи манфиатҳои миллӣ ва давлатӣ дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон амри ниҳоят мураккаб ва мушкил аст, ки сабурӣ (ҳамроҳ бо зиракӣ, ҳадафмандӣ, субот, пайгирӣ) калиди татбиқи он аст.

### 14. ДИҚҚАТ

Диққат шарти муҳимми одоб (бахусус одоби расмӣ ва корӣ) аст. Он баёнгари нисбатан томи сатҳи фарҳанг ва дарки масъулияти иҷтимоии инсон маҳсуб мешавад: маъмул аст, ки «дақиқ будан – ин имтиёзи шоҳон» ва «нишони фарҳанг» аст. Ин сифат барои ҳамагон зарурист; масалан, дар замони мутамаддин дер мондан ба мулоқоти зан, шахсияти маъруфи фарҳангӣ ва бахусус роҳбари кишвару меҳмонони расмӣ ва ғайрирасмии хориҷӣ, ҳамчун амали ғайрифарҳангӣ ва хатто зиддифарҳангӣ пазируфта мешавад ва шахсе, ки ин амалро анҷом додааст, бефарҳанг шинохта мешавад.

Дар фаъолияти сиёсӣ, идорӣ ва бахусус байналмилалӣ дақиқ будан амри зарурӣ ва ҳатмист. Зеро аввалан, бидуни он фаъолияти муназзами низоми сиёсӣ ва идорӣ имконпазир нест, дувум, эътибор ва эҳтироми давлат дар назари мардум ҷиддан поин хоҳад омад, савум, чунин амал дар амалияи дипломатӣ ва байналмилалӣ ба обрӯ, мақом ва манфиатҳои давлат зарбаи ҷиддӣ мезанад.

Инсоният дар оғози асри XXI ба масъалаи муҳимтарин ва мушкилтарин – инсонсозии ҷомеа ва равобити иҷтимоӣ ҳамчун калиди раҳоӣ аз ифротгароӣ, терроризм, маводи мухаддир, ҷинояткории фаромиллӣ рӯ ба рӯст; таҷрибаи таърихӣ шаҳодат медиҳад, ки роҳи ҳалли он – тарбияи маънавӣ ва сиратии инсон аст: ин кор бидуни талоши ҳадафманд, пайгир, харрӯзӣ, ташаккули одоби инсон дар тамоми давраҳои умр, дар ҳама арсаҳои зиндагӣ муяссар намегардад.

Мусалламан, низоми нави ҷомеаи байналмилалӣ ба сатҳи баланд ва возеҳи одоби расмӣ ва корӣ ниёзманд аст.

# АҲАММИЯТИ ҲИФЗИ ГУНОГУНИИ БИОЛОГӢ БАРОИ ТОҶИКИСТОН



**Суҳайлӣ ҚОДИРӢ**
**сардори шуъбаи таҳлилӣ-иттилоотии Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон**

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ санадҳои асосии байналмилалиро, ки иҷроиши онҳо ба манфиатҳои халқи Тоҷикистон мувофиқат мекунад ба тасвиб расонида, қонунгузории худро ба меъёрҳои он марҳила ба марҳила мутобиқ намуда истодааст.

Яке аз чунин санадҳо Протоколи Нагоя оид ба танзими дастрасӣ ба захираҳои генетикӣ ва истифодаи муштараки одилонаю баробар аз фоидаи дар асоси онҳо гирифташуда ба Конвенсияи гуногунии биологӣ мебошад, ки Тоҷикистон соли 2013 ҳамроҳ шудааст.

Протоколи Нагоя санади нави байналмилалӣ мебошад, ки Конвенсия оид ба гуногунии биологиро тақвият дода, барои самаранок амалӣ сохтани мақсади сеюми Конвенсияи мазкур - гирифтани фоидаи муштарак аз захираҳои генетикӣ дар асоси адолат ва баробарӣ қабул гардидааст.

Протоколи Нагоя дар таърихи фаъолияти СММ ва дигар ниҳодҳои байналмилалӣ ягона шартнома дар соҳаи идоракунии байналмиллалии гуногунии биологӣ буда, барои бахшҳои мухталифи тиҷоратӣ ва ғайритиҷоратӣ, ки ба истифодаи захираҳои генетикӣ ва табодули он алоқамандӣ доранд, муҳим аст.

Ҳанӯз ҳангоми қабули Конститутсияи худ (с.1994) Тоҷикистон муқаррароти муайян ва асосиро вобаста ба масъалаҳои мавриди назари Конвенсия оид ба гуногунии биологӣ қабул намудааст. Масалан, дар моддаи 13 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст:

«Замин, сарватҳои зеризаминӣ, об, фазои ҳавоӣ, олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табиӣ моликияти истисноии давлат мебошанд ва давлат истифодаи самараноки онҳоро ба манфиати халқ кафолат медиҳад.»

Аз мазмуни моддаи мазкур бармеояд, ки меъёрҳои Конститутсияи Тоҷикистон бо меъёрҳои Конвенсия ва Протоколи мазкур мутобиқанд. Яъне, давлат олами набототу ҳайвонот ва дигар боигарии табииро ҳамчун моликияти истисноии худ муқаррар намуда, истифодаи самараноки онро кафолат додааст.

Мафҳумҳои «истифодаи самаранок» ва «манфиати халқ» ҳамчунин маънии фоида гирифтан ва риояи адолату баробариро низ дорад.

Протоколи Нагоя се мафҳуми асосӣ: «истифодаи захираҳои генетикӣ», «биотехнология» ва «дериватив»-ро (Пайвастаи биохимиявии дар табиат воҳӯранда) фаро гирифтааст, ки баинобатгирии марҳила ба марҳилаи ин се мафҳум ба мақсад оварда мерасонад.

Протоколи Нагоя дар доираи ба даст овардани захираҳои генетикӣ, (мод. 15 Конвенсия) ва бо истифода аз донишҳои анъанавӣ гирифтани фоида аз ин захираҳо амалӣ карда мешавад.

Баъзе коршиносони соҳа ақида доранд, ки Протоколи мазкур танҳо барои манфиати кишварҳои пешрафта ва захираҳои генетикӣ надошта қабул гардидааст. Вале, дар асл ин тавр набуда Протокол муқаррар менамояд, ки истифодаи захираҳои генетикӣ дар асоси мувофиқаи ҳамаҷонибаи пешакӣ тариқи якҷоя ва баробар ба роҳ монда мешавад. Фақат дар ин замина «Тарафи содиркунандаи ин захира ё Кишвари пайдоиши он ё Тарафи захираи генетикиро харидоринамуда» ва «Тарафи дигар» бояд тадбирҳои муайянро дар самти қонунгузорӣ, маъмурӣ ва сиёсӣ андешанд.

Мутахассисони соҳа қабули Протоколи Нагояро яке аз қадамҳои муҳим дар самти баинобатгирии ҳуқуқи мардуми таҳҷоӣ дар музокироти байналмилалӣ меҳисобанд.

Протоколи Нагоя аввалин шартномаи байналмилалӣ ба ҳисоб меравад, ки барои мардуми таҳҷоӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ аҳамияти хос дорад. Яке аз пешравиҳои Протокол низ дар он аст, ки дар тамоми марҳилаҳои таҳияи он намояндагони мардуми таҳҷоӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ иштирок намудаанд.

Дар Протокол оид ба донишҳои анъанавии ба захираҳои генетикӣ алоқаманд, ки онҳоро мардуми таҳҷоӣ ва ҷомеаҳои маҳаллӣ медонанд ва ҳуқуқҳои онҳо ба ин захираҳо эътироф шудааст, муқаррароти муайян пешбинӣ гардидааст. Розигии асосноки пешакӣ яке аз механизмҳои муҳимми Протокол дар ин самт мебошад.

Яке аз масъалаҳои муҳим дар робита ба гирифтани фоидаи муштарак аз захираҳои генетикӣ дар асоси адолат ва баробарӣ ин истифодаи донишҳои анъанавии ҷомеаҳои таҳҷоӣ ва маҳалӣ вобаста ба захираҳои генетикӣ, ки моликияти зеҳнӣ ҳисобида мешаванд, мебошад.

Мардуми таҳҷоӣ бояд донанд, ки кӣ ва барои чӣ донишҳои анъанавии онҳоро истифода мебарад, онҳо аз ин чӣ фоидаи моддӣ ва ғайримоддӣ мегиранд ва ё дар оянда гирифта метавонанд.

Мусаллам аст, ки маҷмӯи донишҳои анъанавӣ вобаста ба ин ё он захираи генетикӣ пеш аз ҳама ба одамоне, ки дар маҳалли ҷойгиршавии захираи генетикӣ зиндагӣ мекунанд тааллуқ дорад.

Бо дарназардошти махсусиятҳои муҳити зист ва захираҳои генетикии фаровон, ҳамчунин донишҳои анъанавии зиёд вобаста ба захираҳои генетикӣ, ки маҳфуздорандааш мардуми таҳҷоии Тоҷикистон – тоҷикон ба шумор меравад қабули қонуни алоҳида мувофиқи мақсад ҳисобида мешавад.

Чунин қонун метавонад муносибатҳои ҳуқуқии соҳаро ба танзим дарорад. Вале, чи хеле, ки дар боло қайд намудем Қонуни миллӣ бояд танҳо доир ба донишҳои анъанавӣ оид ба захираҳои генетикӣ тахия карда шавад.

Набудани қонуни мукаммал дар ин самт маънии пурра иҷро нагардидани уҳдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон дар ин самтро надорад.

Вале, баъзе масъалаҳои калидии Протоколи Нагоя оид ба танзими дастрасӣ ба захираҳои генетикӣ ва истифодаи муштараки одилонаю баробар аз фоидаи дар асоси онҳо гирифташуда, аз ҷумла фоида аз истифодаи захираҳои генетикӣ (моддаи 5); шартномаи таксими фоида (моддаи 6); розигии асосноки пешакӣ (моддаи 6); донишҳои анъанавӣ вобаста ба захираҳои генетикӣ (моддаи 12); таъсиси Маркази миллии ҳамоҳангсозӣ доир ба масъалаҳои дастрасӣ ба захираҳои генетикӣ ва истифодаи якҷояи фоидаҳо (моддаи 13); мубодилаи иттилоот (моддаи 14); механизми миёнаравӣ (моддаи 14); мониторинг (моддаи 17) ва танзими баҳсҳо (моддаи 18) дар сатҳи қонунгузории миллӣ танзим нагардидаанд.

Масалан, мавҷуд набудани механизми қонунии фаъолият дар ин самт ба пайдо гардидани омилҳои ҷиноӣ сабаб мегардад. Ё дар сурати наандешидани ҷораҳои дахлдор ҷиҳати ҳифзи донишҳои анъанавӣ барандагони онҳо – намояндагони солхӯрдаи ҷомеаҳои маҳаллӣ мефавтанд ва ин донишҳоро бо худ мебаранд, ки дубора эҳё кардани он муҳол аст.

Масъалаи омилҳои ҷиноӣ низ ташвишовар аст. Таҷриба нишон медиҳад, ки захираҳои генетикӣ ғайриқонунӣ истифода бурда мешаванд. Субъектони муайян бо ҳар роҳу восита захираҳои генетикиро пайдо намуда, истифода бурда, фоида мебинанд, ки ҳуқуқу манфиатҳои кишвар ва ҷомеаҳои маҳаллӣ нақз гардида, ба муҳити зист зарари ҷубронненапазир расонида мешавад.

Масалан, дар Тоҷикистон ҳолатҳои алоҳидаи ғайриқонунӣ ҷамъоварӣ ва қоҷоқ намудани яке аз захираҳои генетикии нодир - шираи камол ҷой дорад. Ҷиҳати пешгирии чунин ҳолатҳо ба қонунгузорӣ иловаҳои дахлдор ворид карда шуда, санадҳои зарурӣ ба тасвиб расидананд, ки ҳам барои ҳифзи ин захираи генетикӣ ва ҳам барои дар асоси баробар ва одилона фоида ба даст овардан имконият фароҳам меорад.

Ҳамчунин барои ғайриқонунӣ ҷамъоварӣ кардан, коркард, истеҳсоли доруворӣ, нигоҳ доштан, интиқол ва ба соҳибияти каси дигар додани шираи камол дар моддаи 234(1) (Муомилоти ғайриқонунии шираи камол) Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷазо ва дар моддаи 182 (Риоя накардани тартиби муқарраршудаи истифодаи захираи дарахтбурӣ, тайёр кардан ва кашонидани ҷӯб, ҷамъоварӣ намудани шираи дарахт, буттаю растанӣ ва шираи камол) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷарима пешбинӣ карда шудааст.

**Бо мақсади татбиқи муқаррароти Протоколи Нагоя оид ба танзими дастрасӣ ба захираҳои генетикӣ ва истифодаи муштараки одилонаю баробар аз фоидаи дар асоси онҳо гирифташуда дар Тоҷикистон чунин тавсияҳо дода мешавад:**

**1. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи донишҳои анъанавӣ оид ба захираҳои генетикӣ»;**

**2. Таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи захираҳои генетикии Тоҷикистон”;**

**3. Ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор вобаста ба талаботи Протоколи Нагоя ба қонунгузории амалкунанда;**

**4. Таъсис додани Фонди рушди ҷомеаҳои маҳаллии маҳфуздорандаи захираҳои генетикӣ;**

**5. Таъсис додани Фонди давлатии низоми истифода ва ҳифзи донишҳои анъанавӣ оид ба захираҳои генетикӣ;**

**6. Таҳияи Феҳристи давлатии донишҳои анъанавӣ оид ба захираҳои генетикӣ;**

**7. Омӯхтани таҷрибаи пешрафта дар самти захираҳои генетикӣ ва донишҳои анъанавӣ дар ин самт;**

**8. Таҳия ва нашри маводи илмӣ ва иттилоотӣ оид ба захираҳои генетикии Тоҷикистон ва донишҳои анъанавии мардуми таҳҷоии Тоҷикистон оид ба захираҳои генетикӣ;**

**9. Баргузории чорабиниҳои (конференсия, симпозиум, мизи мудаввар) ҷумҳуриявӣ, минтақавӣ ва байналмилалӣ дар мавзуъҳои захираҳои генетикӣ Тоҷикистон ва донишҳои анъанавӣ оид ба захираҳои генетикии Тоҷикистон;**

**10. Таъсиси телевизион, радио, маҷалла ва сомонаҳои электронии соҳавӣ барои инъикоси масоили кишоварзӣ, об, ҳифзи муҳити зист, гармшавии иқлим, иқтисоди “сабз”, бехатарии биологӣ, экология, гуногунии биологӣ, захираҳои генетикӣ ва ғ.**

Итминон дорем, ки баинобатгирии тавсияҳои мазкур барои Тоҷикистони азиз, ки кишвари дорои захираҳои бойи генетикӣ ва фарҳангу донишҳои ғании анъанавӣ мебошад аз аҳаммияти холӣ нест.

**26 майи соли 1995 давлатҳои аъзои ИДМ Конвенсия дар бораи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсонро қабул карданд.**




# ПИРӮЗИИ БУЗУРГ

Санаи 9 май ҳамчун рӯзи пирӯзии сулҳ бар ҷанг ва некӣ бар бадӣ – яке аз дурахшонтарин саҳифаҳои таърихи бисёр кишварҳои олам ва умуман башарият шинохта шуд.

Бинобар ин, рӯзи Ғалаба як пораи воқеии сарнавишт, як саҳифаи пурифтихори таърих ва як намунаи бемисоли корнамоиҳои падарону бобоёни моро дар арсаи мудҳиштарин ҷанги ҷаҳонии асри гузашта таҷассум менамояд.

Имрӯз баъди гузашти 76 сол, арзиш ва шаҳомати корнамоии беназири халқ дар қалбу хотираи мо боз ҳам равшантар мегардад ва бароямон дарси зиндагӣ меомӯзонад. Ин корнамоиву диловариҳо аз он шаҳодат медиҳанд, ки ҷасорати фавқулода ва мардонагии онҳо бемисл мебошад. Ҳамзамон, ин корнамоиҳо садҳо ҳазор захму ҷароҳат, қурбониву маҳрумият ва хотироти талхро бо худ овардаанд, ки таҷассумгари таърихи зиндаи халқ аст. Дар он маъноҳои пирӯзиву ғалаба, ватандӯстиву озодихоҳӣ, ҷасорату фидокорӣ, ҷонбозиву марг, дилovариву мардонагӣ, ростиву адолат, сулҳу субот, пайки шодиву поси хотири ҳамешагии рафтагон ифода ёфтаанд.

Башарият аз замони пайдоиши олам ин гуна ҷанги хонумонсӯз ва фоҷиаи мудҳишро, ки 1418 шабонарӯз идома ёфта бошад, аз сар нагузаронидааст. Ҷанги Дуюми Ҷаҳонӣ аз рӯйи миқёсу андоза даҳшатноктарин ҷанг дар таърихи олам буда, дар он беш аз 72 давлатҳои хурду бузурги ҷаҳон ширкат варзиданд. Дар набардҳои ин ҷанг беш аз 110 миллион афсарону сарбозон сафарбар шуда, зиёда аз 30 фоизи онҳо дар задухӯрдҳои хунин ба ҳалокат расиданд. Аз рӯйи ҳисоби коршиносон зарари умумии ҷанг ба 4,5 триллион доллари амрикой расида, дар натиҷа кишварҳои зиёде хароб гашта, бештар аз 55 миллион одам қурбон ва садҳо миллион аҳолии мамлакатҳое, ки ба гирдоби ҷанг кашида шуда буданд, ба маҳрумияту азоби тоқатфарсо гирифтор гардиданд.

Таърихи Ҷанги Бузурги Ватанӣ китоби захмӣ ва пурҷароҳатест, ки ҳар сатраш бо ҳарфҳои хунин навишта шудааст.

Фарзандони халқи тоҷик дар ҳамаи муҳорибаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ фидокорона иштирок кардаанд. Махсусан, торумор кардани фашистон дар муҳорибаҳои назди Москва, Сталинград, Курск, Украина, Белорус на танҳо ҷараёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ, балки ҷараёни Ҷанги Дуюми Ҷаҳонро комилан тағйир дод. Ҳазорон нафар фиристодагони Тоҷикистон дар ин муҳорибаҳо, аз ҷумла дар озод кардани халқҳои Аврупо аз фашистон қаҳрамониҳои бемислу монанд нишон доданд.

Ба нишони қадрдонии корнамоиҳои ҷангии ҳамватанони мо 54 нафар бо унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ ва 15 нафари дигар бо се ордени “Шараф” мушарраф гардидаанд.

Иштирокчиёни ҷанг ва оилаҳои хизматчиёне, ки дар ҷанг ҳалок гардидаанд аз тарафи давлат ҳаматарафа дастгирӣ меёбанд. Ба ҷо овардани иззату ҳурмати онҳо вазифаи муқаддаси ҳар яки мост.

Аз фурсати муносиб истифода бурда, тамоми мардуми шарифи Тоҷикистонро бахусус, собиқадорони ҷанг ва онҳоеро, ки дар ақибгоҳ бо заҳмати шабонарӯзии худ барои таъмини пирӯзӣ саҳми арзанда гузоштаанд ба 76-умин солгарди Ғалаба бар фашизм табрик гуфта, барояшон пеш аз ҳама сиҳату саломатӣ, сулҳу осоиш ва хушрӯзию хонаободӣ орзу менамоям.



Амина НОЗИМОВА
донишҷӯи соли 1

## СУЛҲ БОДО ДАР ВАТАН

То ҷаҳон поянда бошад, сулҳ бодо дар Ватан,
Шамс то рахшанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан.
То зи осмони мусаффо медурахшад ахтаре,
То қамар тобанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан.
Сарзамине ки макони халқи сулҳоин бувад,
Сулҳро зебанда бошад, сулҳ бодо дар Ватан.
Дар лабу дар қалби ин халқи азизам доимо,
Хуррамию ханда бошад, сулҳ бодо дар Ватан.
Ҳофии бечора ҳар дам бо умеди беҳисоб
Ин дуо гӯянда бошад: Сулҳ бодо дар Ватан!

Ватан бар ман азизӣ, ҳамчуноне бар танам ҷонам,
Ба ҷуз нафъи Ватан чизи дигарро ман намедонам.
Ба номат эй диёри бахт ин аст аҳду паймонам,
Тамоми ҳастиям пайваста бо ту, эй Ватан ҷонам.

